ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ Б НОМИ МОЁНШО НАЗАРШОЕВ

ВБД 9+39 (575. 32) (092)

Бо ҳуқуқи дастнавис

АҚРИЗОЕВ МАҚСУД МАҲРАМБЕКОВИЧ

АЛЕКСЕЙ АЛЕКСЕЕВИЧ БОБРИНСКОЙ – МУҲАҚҚИҚИ ТАЪРИХ ВА ЭТНОГРАФИЯИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)
аз рӯйи ихтисоси 6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ

Душанбе - 2022

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев омода гардидааст.

Роҳбари илмӣ: **Сайнаков Сайнак Парпишоевич** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Муқарризони расмӣ: **Мамадалиев Иномҷон Абдусатторович** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Ҷобиров Раҷабалӣ Фатҳуллоевич – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ташкилоти тақриздиҳанда: Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон

Ҳимоя рӯзи "22" декабри соли 2022, соати 13:30 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-035 барои ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) амал мекунад, баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) ва дар сомонаи расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www.institute-history.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи "____" _____ соли 2022 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ
доктори илмҳои таърих, профессор **Аскаралӣ Раҷабов**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Асри XIX дар таърихи Бадахшон ҳамчун давраи кашфи ин диёр аз тарафи олимони рус ва Ғарб ба шумор меравад. Баъди ҳамроҳшавии Помир ба Россия таҳқиқоти нақшавии олимони рус дар Кӯҳистони Бадахшон оғоз гардид, ки қисми муҳими онро омӯзиши хусусиятҳои этнографии мардуми минтақа ташкил медод. Таърихи давлат ва халқ ҳама вақт бо таърихи шахсиятҳои алоҳида дар робитаи наздик қарор дорад, зеро фаъолият ва қаҳрамониҳои шахсони алоҳида дар маҷмуъ саҳифаҳои таърихро бой ва ғанӣ мегардонанд.

Диссертатсияи мазкур ба яке аз муҳаққиқони намоёни рус, граф А.А. Бобринской (1861-1938), ки дар омӯзиши таърих ва мардумшиносии тоҷик нақши боризе гузоштааст, бахшида шудааст, ки охири асри XIX – ибтидои асри XX ба Осиёи Миёна сафар карда, тарзи зиндагӣ ва урфу одати тоҷиконро таҳқиқ намудааст. А.А. Бобринской дар қатори аввалин олимони рус буд, ки ба омӯзиши илмии Кӯҳистони Бадахшон оғоз намуд. Таҳқиқоти олимони рус дар ин давра хусусияти стратегӣ дошт, зеро Россия мавқеи ҳарбӣ – сиёсии худро барои даҳсолаҳо дар ин минтақа пешбинӣ менамуд. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра дар бораи иқлим ва сарватҳои табиии ин минтақа, дину оин, таърих, этнография ва урфу одати сокинони он вазифаи сатҳи давлатӣ гардид.

В. В. Бартолд низ ба нақши калидии Россия дар омӯзиши Осиёи Миёна, хусусан Помир такя мекунад ва ин фикрро бештари олимон тарафдорӣ мекунанд.[1] Бо гузашти замон осори муҳаққиқони охири асри XIX – аввали асри XX барои омӯзиши халқи тоҷик аҳамияти бештареро пайдо намуда, ҳоло усулу методҳои корӣ ва хулосаҳои илмии онҳо барои муҳаққиқон ҳамчун дастурамал дар таҳқиқи таърих ва этнографияи тоҷикони кӯҳистон хизмат мекунанд.

А.А. Бобринской тамоми маблағҳои аз фаъолиятҳои мухталиф ба даст овардаашро барои рушду равнақи илм ва ҳунар, аз ҷумла тоҷикшиносӣ сарф намудааст. Аз ин лиҳоз, мубрам будани мавзуи мавриди таҳқиқ аз ин қарор аст:

нахуст, А.А. Бобринской дар доираҳои илми мардумшиносӣ маҳз тавассути таҳқиқоти анҷомдодааш роҷеъ ба ҳаёти анъанавии тоҷикон маъруф гардид. Мубрам будани мавзуи мавриди таҳқиқ пеш аз ҳама дар он аст, ки муаллифи рисола ҷойгоҳи А.А. Бобринскойро дар таҳқиқи ҳаёти анъанавии тоҷикон муайян менамояд;

дувум, мубрам будани таҳқиқи мероси илмии мардумшиносии А.А. Бобринской боз дар он зоҳир мегардад, ки маълумоти беш аз 120 сол пеш гирдовардаи ӯ аз ҳаёти сокинони Зарафшон, Қаротегин ва Бадахшон барои таҳқиқи масъалаҳои баҳсталаби мардумшиносӣ ва таърихи тоҷикон арзиши муҳим пайдо карданд. Экспедитсияҳои А.А. Бобринской дар се

---

[1] Акрамов М.Н. Вопросы истории, археологии и этнографии. – Душанбе, 1974. – С.13.

самти асосӣ - мардумшиносӣ, антропология ва ҷуғрофия, ки барои ин илмҳо маълумотҳои муҳим ҷамъоварӣ намудаанд, равона гардида буд. Бинобар ин, омӯзиши мероси илмии А.А.Бобринской мубрам буда, имконият медиҳад, ки осори ин мардумшинос дар доираи як диссертатсия ба ришtаи таҳлили илмӣ кашида шавад.

Сеюм, мубрам будани мавзуъ ҳамчунин дар он дида мешавад, ки то имрӯз фаъолияти илмии А.А. Бобринской дар таърихнигории ватанӣ мавриди таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтааст ва диссертатсияи мазкур дар ин самт аввалин кӯшиш хоҳад буд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Саҳми А. А. Бобринской дар омӯзиши таърих ва мардумшиносии тоҷик ва ҳамзамон ба доираҳои илмӣ ворид намудани асарҳои ӯ ҳанӯз аз ҷониби муҳаққиқони замони Шуравӣ оғоз гардида, ба иддае аз асарҳои таҳқиқотии ӯ хулосаи воқеии илмӣ дода шуда буд. Асару мақолаҳоеро, ки бевосита ба осори А.А. Бобринской бахшида шудаанд, метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд.

Ба гурӯҳи аввал осори муҳаққиқони маъруфи замони Шуравӣ, аз ҷумла Б.И. Искандаров[1], Б.В. Лунин[2], З. Баҳромов[3], Б. Литвинский, Н. Акрамов[4], Х.Ф. Акрамова[5], М.Н. Назаршоев[6], О.Б. Боқиев[7], Ҳ. Пирумшоев[8],

---

[1] Искандаров Б. И. Восточная Бухара и Памир в период присоединения Средней Азии к России. – Сталинабад, 1960. – 214 с.; Восточная Бухара и Памир во второй половине XIX в. – Ч. I. – Душанбе, 1962. – 546 с.; Ч. II. – Душанбе, 1963. – 352 с.; Из истории дореволюционного Таджикистана. – Душанбе, 1974. – 76 с.; Социально – экономические аспекты истории памирских княжеств (X в. – первая половина XIX в.). – Душанбе, 1983. – 160 с.; История Памира. – Хорог, 1995. – 185 с.; Искандаров Б. И., Юсупов Ш. Политико – административное и социально – экономическое положение Памира накануне Великой Октябрьской социалистической революции // Очерки по истории Советского Бадахшана. – Душанбе, 1985. – С. 53 – 79.

[2]Лунин Б. В. Из истории русского востоковедение и археологии в Туркестане (Туркестанский кружок любителей археологии. – 1895 – 1917 гг.). – Ташкент, 1958. – 320 с.; Научные общества Туркестана и их прогрессивная деятельность. – Ташкент, 1962. – 374 с.

[3]Бахромов З. Земельные отношения в Шугнане в конце XIX вв. (1895- 1920 гг.) // Очерки по истории Таджикистана. – Т. I. – Сталинабад, 1957. С. 47 – 85.; К вопросу о состоянии хозяйства Шугнана в дореволюционный период // Очерки по истории Таджикистана. – Т. II. – Сталинабад. 1959. С. 11 – 30.

[4] Литвинский Б. А., Акрамов Н. М. Александр Александрович Семенов (Научно – библиографический очерк). – М., 1971. – 180 с.; Акрамов Н. М. Выдающий востоковед В. В. Бартольд. – Душанбе, 1963. – 112 с.

[5] Акрамова Х. Ф. Жизнь и деятельность члена – корреспондента АН СССР Михаила Степановича Андреева. Автореферат кандидатской диссертации. – Душанбе, 1969.

[6] Назаршоев М. Социально – экономическое положение дореволюционного Памира. – Душанбе, 1975. – 296 с.

[7] Бокиев.О.Б. Социально – экономическое положение Таджикистана в дореволюционной русской историографии. – Душанбе: Ифрон, 1976. – 150 с.

[8]Пирумшоев Х. Русские дореволюционные исследователи о городах Восточной Бухары конца XIX – начала XX вв. – Душанбе, 1992. – 130 с.; Дарвазское шахство до присоединения к Бухарскому эмирату (в русской историографии) // Россия в исторических судьбах таджикского народа. – Душанбе, 1998. – С. 43 – 55.; Российско – среднеазиатские отношения в XVI - средние XIX веков в русской историографии. – Душанбе, 2000. – 338 с.; Ванч (Очерки илмӣ –

Т.Г. Абаев[1], Т.С. Наврузов[2] дохил мешаванд, ки маълумоти А. А. Бобринскойро дар таҳқиқоти худ васеъ истифода карданд.

Ба гурӯҳи дуюм асарҳои мардумшиносони машҳури Шуравӣ Н. А. Кисляков[3], Г. А. Алиев[4], Д. Е. Хайтун, Ю. А. Шибаева[5], Н. Н. Ершов[6], Б. А. Литвинский[7], А. К. Писарчик[8], Н. М. Акрамов[9], Л. Моногарова И. Муҳиддинов[10], Н. Давлатбеков[11], З. Юсуфбекова[1], Н. Н. Назарова[2]

оммавӣ). – М., 2004. – 610 с.; Памир в первой половине XIX - начале XX вв. // История Горно – Бадахшанской автономной области. – Т. I. – С древнейших времен до новейшего периода. – Душанбе, 2005. – С. 282 – 378.; Вклад Русского географического общества в исследование Средней Азии (Материалы научно – практической конференции). – Душанбе, 2006. – С. 36 – 43.; Таърихи Дарвоз (аз қадим то замони муосир). – Душанбе, 2008. – 704 с.; Пирумшоев Х., Маликов М. Россия - Таджикистан: история взаимоотношений. – Душанбе, 2009. – 688 с.; Пирумшоев Ҳ. Ванҷи ману ганҷи ман. – Душанбе, 2013. – 608 с.

[1] Абаева Т. Г. Очерки истории Бадахшана. – Ташкент, 1964. – 164 с.; Памиро – гиндукушский регион Афганистана в конце XIX начале XX в. – Ташкент: Фан, 1987. – 119 с.

[2] Наврузов Т. С. Поездка В. И. Покотило в Восточную Бухару в 1886 // Республиканская научно – теоретическая конференция молодых ученых и специалистов Таджикской ССР, посвященная 110 – леттию со дня рождения В. И. Ленина (тезисы докладов). Секция общественных наук. – Душанбе: Общество знания, 1980 – С. 56.; О поездке Г. А. Арандаренко в Каратегин и Дарваз // Материалы по истории культуры Таджикистана. – Душанбе: Дониш, 1981. – С. 239 – 243.

[3] Кисляков Н. А. История Каратегина, Дарваза и Бадахшана // Материалы по истории таджиков и Таджикистана. Сб. 1. – Сталинабад, 1945. – С. 71 – 113.; Этнографическое изучение Таджикистана // Труды таджикского филиала Академии наук СССР. – Т. XXIX/ - История, археология, язык и литература. – Сталинабад, 1951. – С. 53 – 65.; Этнографическое изучение Каратегина и Дарваза; Географический очерк; исторический очерк // Таджики Каратегина и Дарваза. – Душанбе, 1966. – Выпуск 1. – С. 9 – 46, 7 ил.

[4] Алиев Г. А. О роли русских ученых в развитии наука и Таджикистане // Труды Академии наук Таджикской СССР. – Т. 31. – Сталинабад, 1955.- С. 11 – 25.

[5] Хайтун Д. Е., Шибаева Ю. А. Вклад русских ученых в изучение археологии, этнографии и истории Памира (краткий очерк) // Уч. Записки Таджикского госуниверситета. – Т. VII. – Труды историко – филологического факультета. – Сталинабад, 1955. – С. 47 – 66.

[6] Ершов Н. Н. К истории развития этнографической науки в Таджикистане // Советская этнография. - № 4. – М., 1968. – С. 87 – 92.

[7] Литвинский Б. А. Страницы из истории этнографического изучения Средней Азии // Этнография Таджикистана – Душанбе, 1985. – С. 132 – 142.

[8] Писарчик А. К. Этнография // Таджикская Советская Социалистическая Республика. – Душанбе, 1974. – С. 238.; Михаил Степанович Андреев (1873 – 1948) – исследователь культуры и быта народов Средней Азии // Труды Института этнографии имени Н. Н. Миклухо – Маклая АН СССР. – 1977. – Т. 140. – С. 126 – 132.

[9] Акрамов Н. М. Вопросы истории, археологии и этнографии народов Памира и Припамирья в трудах Б. Л. Громбачевского. – Душанбе, 1975. – 238 с.; Русские исследователи и их вклад в изучение истории, археологии и этнографии народов Памира и Припамирья // Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора исторических наук. – Душанбе. – М., 1975. – 38 с.; М. С. Андреев тадқиқотчии таърихи тоҷикони кӯҳистон. – Душанбе, 1977. – 56 с.

[10]Моногарова Л., Мухиддинов И. Этнографическое изучение Советского Бадахшана // Очерки по истории Советского Бадахшана. – Выпуск I. – Душанбе, 1981. – С 309 – 342.; Выпуск II. – Душанбе, 1985. – С. 352 – 384.

[11]Давлатбеков Н. Освещение религии и ворованный населения верховьев реки Пянджа в трудах русских исследователей. Автореферат диссертации кандидата исторических наук. – Душанбе, 1986. – 26 с.

шомил мебошанд, ки дар онҳо саҳми А. А. Бобринской дар омӯзиши этнографияи Кӯҳистони Бадахшон иньикос ёфтааст.

Ба гурӯҳи сеюм таҳқиқотҳои анҷомёфта дар давраи истиқлолият дохил мешаванд. Ба ин гурӯҳ асарҳои Н. Давлатбеков[3], Л. Додхудоева[4], Н. С. Маҳмудова[5], З. Юсуфбекова[6], Э. Ҳоҷибеков[7], Т. С. Қаландаров[8], А. С. Давидов[9], В.В. Дубовитский[10], А. Валиев[11], М. Пирумшоев[12] ва дигаронро метавон шомил кард. Масъалаҳои ҷуғрофия, баромади нажодӣ ва робитаҳои минтақаи таърихию фарҳангии Помиру Бадахшон дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ дар таҳқиқоти профессор Ҳ.П. Пирумшоев бо номи «Помиру Бадахшон: назаре ба ҷуғрофиё ва таърихи сиёсӣ» баррасӣ шудаанд. Дар ин асар профессор Ҳ.П. Пирумшоев дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, пажӯҳишҳо ва адабиёти илмии мавҷуда, исбот менамояд, ки Помиру Бадахшон аз ибтидо як бахши таркибии қаламрави тоҷикнишин маҳсуб мешуданд, чуноне ки онро олимони рус низ дарёфт намуданд.[13] Оид ба масъалаи мазорҳо ва маконҳои муқаддас ва парасти-

---

[1] Юсуфбекова З. Роль главы и распределение труда в большой семье в Шугнане (конец XIX - начало XX вв.) // Актуальные вопросы гуманитарных наук на современном этапе (Философия, история, право). – Душанбе, 1987. – С. 136 – 141.; Семья и семейный быт шугнанцев (конец XIX - начало XX в.). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. – Л., 1989. – 28 с.

[2] Назарова Н. Н. Исследование Памира «Русским комитетом для изучения Средней и Восточной Азии» // Памироведение. – Выпуск I. - Душанбе, 1984. С. 68 – 75.

[3] Давлатбеков Н. Доисламские верования населения Западного Памира (по материалам русских исследователей). – Душанбе, 1995. – 78 с.; Освещение исмаилизма на Памире в трудах русских дореволюционных исследователей. – Душанбе, 1995. – 57 с.

[4] Додхудоева Лариса. Выдающийся российский путешественник, этнограф и искусствовед (к 150-летию со дня рождения графа А. А. Бобринского) // Наследие предков. – № 15. – Душанбе, 2012. – С. 160 – 166.

[5] Махмудова Н. С. Отражение духовной культуры народов Горного Бадахшана, Дарваза и Каратегина в трудах дореволюционных русских востоковедов. – Худжанд, 1999. – 60 с.; Культура и быт населения Памира и Припамирья в последней четверти XIX - начале XX вв. (по материалам русских востоковедов). – Худжанд, 2010. – 166 с.

[6] Юсуфбекова З. Семья и семейный быт шугнанцев (конец XIX – начало XX в.). – Душанбе: Шарки озод, 2001. – 184 с.

[7] Ходжибеков Э. Исмаилитские духовные наставники (пиры) и их роль в общественно – политической и культурной жизни Шугнана (вторая половина XIX - 30 – е годы XX вв.). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. – Душанбе, 2002. – 24 с.

[8] Каландаров Т. С. Шугнанцы (историко – этнографическое исследование). – М., 2004. – 478 с.

[9] Давыдов А. С. Этническая принадлежность коренного населения Горного Бадахшана (Памира). – Душанбе, 2005. – 152 с.

[10] Дубовицкий В. В. Деятельность Туркестанского отдела Русского географического общества по изучению территории Таджикистана (1897 – 1917 гг.) – Душанбе, 2006. – 188 с.

[11] Валиев А. Освещение этнографии таджикского народа в трудах русских дореволюционных исследователей 9второй половина XIX – начало XX вв.). – Душанбе: РТСУ, 2013. – 229 с.

[12] Пирумшоев М. Памир в русской историографии второй половины XIX - начало XX вв. – Душанбе, 2013. – 198 с.

[13] Ҳайдаршо П. Помиру Бадахшон: назаре ба ҷуғрофиё ва таърихи сиёсӣ (аҳди қадим, асрҳои миёна ва давраи нав). –Душанбе: Ганҷи хирад, 2021. – 64.

шии ин минтақа дар таҳқиқоти, профессор Ҳамза Камол маълумот дода мешавад.[1]

Ҳаёт ва фаъолияти А.А. Бобринской бо услуби таҳқиқоти публитсистӣ аз тарафи Д. Худоназаров мавриди омӯзиш қарор гирифтаст. Д. Худоназаров давраи зиндагонии А.А Бобринскойро дар Россия мавриди таҳлил қарор дода, аҳамияти экспедитсияҳои ӯро инъикос менамояд.[2] Инчунин монографияи алоҳидаи Д. Худоназаров оид ба фаъолияти А.А. Бобринской низ нашр шуд, ки дар он баъзе аз паҳлӯҳои таҳқиқоти олим таҳлил шудаанд.[3] С.В. Дмитриев дар кори илмии худ, ки ба нақши олимони рус дар инъикоси масоили мардумшиносии тоҷикон бахшида шудааст, аз таҳқиқоти А.А. Бобринской васеъ истифода намудааст.[4] Дар мақолаҳои С. П. Сайнаков ба таври алоҳида саҳми А. А. Бобринской дар таҳқиқи барҳе аз масъалаҳои таърихи Бадахшони Кӯҳӣ баррасӣ гардидаанд[5].

Гурӯҳи чорум корҳои диссертатсионие мебошанд, ки дар онҳо саҳми олимони тоинқилобии рус, аз он ҷумла А.А. Бобринской дар омӯзиши Кӯҳистони Бадахшон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.[6]

---

[1]Ҳамза Камол. Мазорҳои шимолии Тоҷикистон.: Деваштич. – Душанбе, 2004. – 217 с; Ҳ. Камол, М. Музаффарӣ, З. Наботзода. Ҷойҳои муқаддаси Тоҷикистон. Китоби III. – Душанбе, 2010. – 168 с.

[2]Худоназаров Д., Бянке, Таллалаев. Граф Бобринской. Долгий путь от Памира до Доломит. – М., 2012. – 143 с.

[3]Худоназаров Д. Памирские экспедиции графа А.А. Бобринского 1985-1905 годов. – М.,2013.; Душа найдёт покой …» // Родина: журнал. — М, 2008. — Вып. 7. — С. 63—67. Дмитриев С.В., Д. Н. Худоназаров Граф А. А. Бобринской, Н. В. Богоявленский, А. А. Семенов и ихпутешествия на Памир на рубеже XIX—XX вв.:научные результаты и коллекции Электронная библиотека Музея антропологии и этнографии им. Петра Великого (Кунсткамера) РАН http://www.kunstkamera.ru/lib/rubrikator/03/03_03/978-5-88431-277-7/.

[3] Худоназаров Д., Душа найдёт покой // Родина . — М, 2008. № 7. — С. 63—67.

[4]Дмитриев С.В. Этнография таджиков в трудах русских ученых конца XIX и в начале XX века. – С. 64 http://www.kunstkamera.ru/lib/rubrikator/03/03_03/978-5-88431-277-7/

[5]Сайнаков С. П. А. А. Бобринской – исследователь истории исмаилизма на Памире //Роль В. В. Бартольда в изучение истории таджикского народа. Сборник докладов международной конференции, посвященной 140 - летию академика В. В. Бартольда. – Душанбе, 2010. – С. 169 – 183.; Граф А. А. Бобринской и результаты работ его научных экспедиций на Памире // Вестник педуниверситета. № 6 (83). Душанбе, 2019. С. 271 – 274. Дар ҳаммуаллифӣ; Граф А.А. Бобринской и его вклад в изучение Памира // Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ. № 3 (16). Душанбе, 2020. С. 121 – 126. Дар ҳаммуаллифӣ.; А. А. Бобринской – исследователь истории исмаилизма на Памире // Вестник педагогического университета. № 5 (94). Душанбе, 2021. С. 220-225.

[6]Сайнаков С. П. Вклад дореволюционных русских исследователей в изучение этнографии Горного Бадахшана (Памира).- Диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук. Душанбе, 2015. – 206 с.; Валиев А. Освещение этнографии Таджикского народа в трудах русских дореволюционных исследователей XIX – начало XX вв. Диссертация на соискание ученой степени доктора исторических наук. Душанбе, 2020.; Терехов В. П. Государственная политика России, СССР и Российской Федерации по отношению к Памиру (вторая половина XIX – начало XXI в.). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. М., – 2011; Шушкова М. Е. Организация управления Туркестаном в начале XX века. Диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук. М., 2015.

Ҳамин тариқ, масъалаи таърихнигории мавзуъро баррасӣ намуда, ба хулосае метавон омад, ки то кунун мавзуи саҳми А.А. Бобринской дар таҳқиқи таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтааст ва диссертатсияи мазкур дар муайян кардани нақши ӯ дар таҳқиқи таърих ва мардумшиносии Кӯҳистони Бадахшон нахустин кӯшиш мебошад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев дар мавзуи «Омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар асри XIX – ибтидои асри XX аз ҷониби муҳаққиқони русу англис» омода гардидааст. Яке аз бандҳои асосии он «Саҳми олимони тоинқилобии рус дар омӯзиши таърих ва мардумшиносии тоҷикон» аст, ки диссертатсия фарогири як қисми он мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

Мақсади таҳқиқот иборат аз баррасии фаъолияти илмии А.А. Бобринской дар Кӯҳистони Бадахшон ва муайян намудани аҳамияти илмии осори аъзои экспедитсияи ӯ барои илми таърих ва этнографияи тоҷик мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои анҷоми мақсади гузошташуда, диссертант дар назди худ ҳалли вазифаҳои зеринро мегузорад:

- иньикос намудани даврaҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти илмии А.А. Бобринской, хусусан дар самти тоҷикшиносӣ;
- мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор додани асарҳои илмии А.А. Бобринской ва нишон додани аҳамияти онҳо барои илми таърих ва этнографияи тоҷик;
- дар асоси маълумоти А.А. Бобринской муайян кардани вазъи сиёсии он давраи ин минтақа ва таъсири он ба ҷомеаи Кӯҳистони Бадахшон;
- тавассути усули муқоисавӣ таҳлил намудани маълумоти А.А. Бобринской доир ба ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии мардуми Кӯҳистони Бадахшон;
- таҳлили маълумоти А.А. Бобринской дар бораи дин, анъана ва урфу одати мардуми Кӯҳистони Бадахшон дар муқоиса бо маълумоти дигар олимони давраи мазкур;
- мавриди таҳлил қарор додани маводи А.А. Бобринской оид ба шабоҳати гулдӯзиҳои мардуми Дарвоз ва шимоли Россия ва идома додани ин таҳлилҳо дар асоси маълумоти замони муосир;
- нишон додани аҳамияти илмии маълумоти антрополгӣ ва этникии А.А. Бобринской барои таҳқиқи минбаъда аз ҷониби олимони соҳаҳои мазкур ва омӯзиши таърих ва фарҳанги маънавии мардуми Кӯҳистони Бадахшон;
- муайян намудани саҳми А.А. Бобринской дар омӯзиши ёдгориҳои таърихии Помир.

Объекти таҳқиқот ҳаёт ва фаъолияти илмии Алексей Алексеевич Бобринской буда, нақши ӯ дар омӯзиши таърих ва этнографияи мардуми Кӯҳистони Бадахшон ҳамчун меҳвари асосӣ дар муҳтавои рисола ҷой мегирад.

Мавзуи (предмет) таҳқиқотро баррасии сафарҳои Алексей Алексеевич Бобринской ба Кӯҳистони Бадахшон, таҳлили асарҳои олим, андеша ва пешниҳодҳои вай оид ба таърих ва этнографияи ин минтақа, инчунин таҳлилҳои муқоисавӣ дар доираи ин мавзуъро ташкил медиҳанд.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, ҳаёт ва фаъолияти граф А.А. Бобринскойро фаро гирифта, он солҳои 1861-1938 – ро дар бар мегирад.

Доираи ҷуғрофии таҳқиқот манотиқи Кӯҳистони Тоҷикистони имрӯзаро дар бар мегирад, ки тавассути он экспедитсияи граф А.А. Бобринской аз он қаламрав гузашта буд. Аз он ҷумла, ба доираи ҷуғрофии рисола қаламрави Кӯҳистони Бадахшон – Дарвоз, Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим ва Вахон дохил мешаванд.

Асосҳои назарявии таҳқиқоти диссертатсияро самтҳои асосии фаъолияти илмӣ, андешаҳо ва натиҷаҳое, ки бо мероси илмии А.А. Бобринской оид ба таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон бахшида шуданд, дар бар мегиранд. Инчунин дар таҳқиқоти мазкур аз осор ва андешаҳои олимони рус, Ғарб ва ватанӣ доир ба тамоми соҳаҳои ҳаёти тоҷикони кӯҳистон истифода шудааст. Муаллиф дар таҳқиқоти худ кӯшиш кардааст, ки мероси илмии олимони Ғарбу руси дар ҳамон вақт доир ба минтақаи кӯҳистон таҳқиқот анҷомдодаро бо мероси илмии олими мазкур муқоиса карда, хулосаҳои худро асоснок намояд. Дар баробари ин, муаллиф маводи бойгонӣ, сарчашмаҳои таърихӣ ва дигар таҳқиқотҳои илмиро мавриди истифода қарор додаст, ки асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро ташкил медиҳанд.

Асоси методологии таҳқиқот: Асоси методологии таҳқиқоти мазкурро таҳлили маълумотҳои таърихӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ҳаёт ва фаъолияти илмии граф А.А. Бобринской инъикос ёфтааст. Ҳангоми баррасии мавзуъ методологияи илмҳои таърих, ҷуғрофия ва этнография дар ҳамбастагӣ бо дигар усулҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор гирифт. Ҳамчунин усули ягонагӣ ва пайдарҳамии таҳлили мавзуъ истифода гардид. Бо истифода аз усулҳои объективизм ва субъективизм шарҳи воқеаҳо аз сарчашмаҳо оварда шуда, дар хусуси ҳақиқатнигории онҳо фикру мулоҳизаҳои муаллиф иброз гардидаанд.

Инчунин дар рафти таҳқиқоти мазкур аз методологияи материализми диалектикӣ, категорияҳои фалсафӣ ва методҳои таҳқиқотии илми таърих истифода ба амал омад. Маълумотҳои дар диссертатсия овардашуда, ҳамчун қисми таърихи кишвар дар иртибот бо дигар ахбор таҳлил ва муқоиса гардиданд. Дар асоси таҳлилҳо мазмун ва шакли таҳқиқотҳо, шумораи далелҳо ва сабабу оқибати таҳқиқотҳо муайян

шуданд. Дар рафти таҳқиқи мавзуъ инчунин аз методҳои таҳлили структуравӣ ва синтез, методи таҳлил барои тартиб ва муқоиса кардани факту рақамҳо ва хулосабарорӣ истифода гардид.

Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот. Дар рафти навиштани рисола сарчашмаҳои зиёд истифода гардида, барои муайян кардани мавқеи ҳар як сарчашмаи истифодашуда зарур шуморидем, ки онҳоро табақабандӣ намоем. Аз он ҷумла сарчашмаҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

- маводу маълумоти илмии А.А. Бобринской оид ба Помир, мақолаҳо ва китобҳои ӯ оид ба таъриху этнографияи тоҷикони кӯҳистон ва ҳайати экспедитсияҳои ӯ;

- асарҳои муҳаққиқони тоинқилобии рус, аз ҷумла низомиён, мардумшиносон, ҷуғрофидонҳо, кишваршиносон ва табиатшиносон, ёддошт, гузоришҳои низомиён ва ходимони сиёсии Россия оид ба минтақа;

- маводи матбуоти даврии империяи Россия, аз ҷумла "Туркестанские ведомости", "Русский антропологический журнал", "Известия Русского географического общества", "Мир Ислама", "Известия Туркестанского отдела Русского географического общества", "Этнографическое обозрение" ва ғайра.

- асарҳо, ёддоштҳо ва мақолаҳои сайёҳон ва муҳаққиқони ҳамон давраи Ғарб, пеш аз ҳама Британияи Кабир, ки оид ба таърих ва этнографияи Бадахшон аз худ мероси илмӣ дар шакли ёддошту, сафарномаҳо ва гузоришҳо боқӣ гузоштанд;

- асарҳои таърихии муаллифони маҳалии охири асри XIX ва ибтидои асри XX, аз ҷумла "Таърихи Бадахшон", "Таърихи Шуғнон", "Қатаған ва Бадахшон" – и Кушкекӣ ва ғайра;

- маводи бойгонӣ ва матбуоти даврӣ, инчунин маълумоти ҳангоми таҳқиқоти саҳроӣ ҷамъоваринамудаи муаллифи диссертатсия.

Таҳқиқоти олимони кишварҳои хориҷӣ дар Помири тоинқилобӣ барои таҳлилҳои мо аҳамияти муқоисавӣ доранд, зеро имкон медиҳанд, ки ахбор ва далели граф А.А Бобринскойро бо далелҳои олимони Ғарб муқоиса намуда, хулосаҳои заруриро ба даст орем. Ҷиҳатҳои муқоисавии ҳаёти мардуми кӯҳистон дар китобҳои сайёҳони ғарбӣ, ба монанди Ҷон Вуд, О. Олуфсен, А. Бёрнс, Т. Гордон, С. Гнеди, А.Херман ва А. Стейн, ки ба Помир сафар карданд, иньикос гардидааст.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навоварии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал ба таври мукаммал самтҳои асосии фаъолияти илмии А.А. Бобринской ва ҳадафи таҳқиқотҳои олим дар минтақаҳои тоҷикони кӯҳистон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар рисола инчунин хусусияти маҷмуии экспедитсияҳои А.А. Бобринской таҳлил гардида, маълумоти А.А. Бобринской бо маълумотҳои олимони Ғарб, ки дар ин давра аз Бадахшон дидан намуда буданд, муқоиса мешаванд. Ҳамчунин дар диссертатсия хулосаҳо ва андешаҳои муҳаққиқони мух-

талиф оид ба фаъолияти А.А. Бобринской ҷамъоварӣ шудаанд, ки нахустин иқдом дар шиносоии бештар бо шахсият ва осори олим маҳсуб мешаванд.

Ҳамин тавр, навоварии таҳқиқот аз инҳо иборат мебошад:

- давраҳои ҳаёт ва фаъолияти илмии А.А. Бобринской, хусусан дар самти тоҷикшиносӣ дақиқ нишон дода шудааст;

- асарҳои илмии А.А. Бобринской таҳлил гардида, аҳамияти онҳо барои илми таърих ва этнографияи тоҷикон нишон дода шудааст;

- дар асоси маълумотҳои А.А. Бобринской вазъи сиёсии он давраи ин минтақа ва таъсири он ба ҷомеаи Кӯҳистони Бадахшон муайян шудааст;

- тавассути усули муқоисавӣ маълумоти А.А. Бобринской доир ба ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии мардуми Кӯҳистони Бадахшон таҳлил гардидааст;

- саҳми А.А. Бобринской дар омӯзиши дин, анъана ва урфу одати мардуми Кӯҳистони Помир мушаххас шудааст;

- маълумоти А.А. Бобринской оид ба шабоҳати гулдӯзиҳои мардуми Дарвоз ва шимоли Россия муқоиса гардидааст;

- аҳамияти илмии маълумотҳои антрополгӣ ва этникии А.А. Бобринской барои таҳқиқотҳои минбаъдаи олимони соҳаҳои мазкур ва омӯзиши таърих ва фарҳанги маънавии мардуми Кӯҳистони Бадахшон нишон дода шудааст;

- саҳми А.А. Бобринской дар омӯзиши ёдгориҳои таърихии Кӯҳистони Бадахшон муайян гардидааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Ҳаёт ва фаъолияти А.А. Бобринской ва гузоштани аввалин қадамҳои олим дар роҳи омузиши таърих ва этнография дар солҳои ҷавонӣ қисми муҳими диссертатсия буда, дар асоси он мақсад ва муҳимтарин омилҳое, ки А.А. Бобринскойро барои таҳқиқоти кишварҳои Осиёи Миёна водор намуданд, муайян мешаванд.

2. Зарурати илмӣ, сиёсӣ ва маънавии таъсис додани экспедитсияҳо ба минтақаҳои кӯҳистони тоҷикнишин аз тарафи А.А. Бобринской, таъминоти моддӣ ва маблағгузории онҳо, нақши ин экспедитсияҳо дар омӯзиши Кӯҳистони Бадахшон муайян шудаанд, ки барои таърихнигории миллӣ аҳамият доранд.

3. Инъикоси вазъияти сиёсии Помир ва таҳлилии он аз рӯи маълумотҳои А.А. Бобринской ва дигар аъзои экспедитсияҳо, нишон додани аҳамият ва натиҷаҳои экспедитсияи А.А. Бобринской барои илмҳои таъриху этнография ва нақши онҳо дар тартиб додани низоми умумиилмии кишваршиносии замони муосир;

4. Таҳлили иқтисод ва муносиботи заминдорӣ, касбу кор, ҳунармандӣ, савдо ва шикор дар Бадахшон дар асоси маълумотҳои А.А. Бобринской ва муқоисаи он бо маълумотҳои дигар олимон, ки барои таҳқиқоти воқеъбинона дар ин мавзуъ мусоидат мекунад;

5. Осори илмии А.А. Бобринской оид ба хусусияти антропологӣ ва этникии сокинони минтақаи Бадахшон, эътиқоди динӣ, тақвимҳо, парастиши мардум, тавсифи мавзеъҳои таърихӣ ва муносибатҳои никоҳу оила дар ҳудуди Кӯҳистони Бадахшон барои омӯзиши муқоисавӣ бо дигар минтақаҳои кӯҳистон, аз ҷумла минтақаҳои водии Зарафшон мусоидат мекунад;

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки он дар асоси таҳқиқоти эмпирикӣ ва таҳлилӣ фикру андешаҳои диссертант оид ба баъзе аз самтҳои фаъолияти А.А. Бобринской барои муҳокимаи васеъ пешниҳод мегарданд ва он барои таҳқиқотҳои оянда дар муайян намудани саҳми олимони рус дар омӯзиши таърих ва этнографияи халқи тоҷик хизмат хоҳад кард.

Аҳамияти амалии ин рисола дар он аст, ки он ҳамчун асари таҳқиқотӣ ва сарчашмаи илмӣ барои донишҷӯён, олимон ва муҳаққиқони соҳаи таърих ва этнография хизмат хоҳад кард. Илова бар ин, маълумотҳои дар рисола ҷамъоваришуда ҳамчун мавод дар таҳқиқотҳои минбаъдаи олимони соҳаи таърих ва этнография истифода хоҳад шуд.

Натиҷаи таҳқиқотро дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик, маъхазшиносӣ, мардумшиносӣ ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик метавон мавриди истифода қарор дод.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот: аз дақиқ будани маълумот, кофӣ будани маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ: Диссертатсия дар мавзуи «А.А. Бобринской - муҳаққиқи таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯй ихтисос бо шиносномаи ихтисосҳои Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020303 – таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот: Саҳми шахсии довталаб аз он иборат аст, ки дар асоси маъхазҳои таърихӣ, маводи бойгонӣ, мақолаҳо, диссертатсияҳо, адабиёти илмӣ ва дигар сарчашмаҳо давраҳои асосии сафарҳои А.А. Бобринской ба Кӯҳистони Бадахшон баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин мероси илмӣ ва экспедитсияҳои А.А. Бобринской оид ба таърих ва мардумшиносии Кӯҳистони Бадахшон таҳлил гардида, бо маълумоти олимони Ғарб, ки дар ҳамин давра аз ин минтақа дидан намудаанд, муқоиса шудаанд. Дар асоси сарчашмаҳои нодир хулосаҳои шахсиро баён намудаанд, ки аз он натиҷаҳои дилхоҳ бароварда шудаанд. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти шахсии унвонҷӯй ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ аз ҷониби му-

аллиф мустақилона баён ва иҷро шуда, дар он асос ва натиҷаҳои таҳқиқот инъикос ёфтаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия: Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Народы и культуры Крайнего Северо – Востока России в научном освещении" дар мавзуи «Историко – сравнительный анализ орнамента вышивания народов России с орнаментом вышивки жителей Дарваза по материалам графа А.А. Бобринского» (28 октябри соли 2021, Красноярск); конференсияи илмӣ – назариявии «Россия Таджикистан: исторический опыт взаимоотношений» дар мавзуи «Антропологические факты о жителях Памира в трудах дореволюционых исследователей» (30 ноябри соли 2021, Душанбе); конференсияи илмӣ – назариявӣ бахшида ба «30 – солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (18 апрели соли 2021, Хоруғ) ва ғайра дар шакли маърузаҳо пешниҳод гардиданд.

Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва таъриху диншиносии ДДХ ба номи М. Назаршоев (суратҷаласаи № 9 аз 12 апрели соли 2021), дар Шӯрои олимони факултети таърихи Донишгоҳи мазкур (суратмаҷлиси № 8 аз 28 марти соли 2022) ва дар ҷаласаи шуъбаи таърихи қадим, асри миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи милли илмҳои Тоҷикистон (суратҷаласаи № 6 аз 24 июни соли 2022) муҳокима ва ба дифоъ пешниҳод гардид.

Интишорот аз рӯйи диссертатсия: Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқоти муаллиф дар 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расиданд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 214 саҳифаи матни компеютрӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се боб, хулоса, номгӯи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима мубрам будани мавзуъ асоснок шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, заминаи сарчашмашиносии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, асосҳои методологии таҳқиқот, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия ***"Шарҳи ҳол ва мероси илмии А. А. Бобринской"*** аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби аввал ***«Давраҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти А. А. Бобринской"*** ҳаёт ва фаъолияти А. А. Бобринской баррасӣ гардидааст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки Алексей Алексеевич Бобринской 21 декабри соли 1861 дар шаҳри Москваи империяи Россия дар оилаи ашроф таваллуд ёфтааст. Шароити хуби моддии оила имконият фароҳам овард, ки Алексей дар мактабҳои беҳтарини шаҳри Москва таҳсил намояд. Шавқу рағбати зиёд ба илм ва дурандешӣ аз хусусиятҳои беҳтарини А.А. Бобринской буданд. Барои хизматҳои шоён ва корҳои таҳқиқотӣ дар соҳаи этнография А.А. Бобринской соли 1905 узви ҳақиқии Ҷамъияти антропологӣ ва этнографӣ ва Ҷамъияти ҷуғрофии Россия гардид. Баъди хатми мактаб, А.А. Бобринской бо гурӯҳи олимони соҳаи этнография шиносоӣ пайдо мекунад.[1]

Таҳқиқоти илмии А.А. Бобринской асосан аз соли 1894 оғоз мегардад. Дар ин давра вай аввалин маротиба бо олимони Ҷамъияти ҷуғрофии рус масъалаи таҳқиқ намудани ҳаёти мардуми Осиёи Миёнаро ба миён мегузорад, зеро шахсан худаш нисбат ба ин масъала таваҷҷӯҳи бениҳоят зиёд дошт. Экспедитсияи авалини ӯ ба Осиёи Миёна моҳи апрели соли 1895 сурат гирифт. 5 июн А.А. Бобринской ба Қарокӯли Помир мерасад.[2] Дар рафти экспедитсияи аввалин аз минтақаи Зарафшон низ маводи зиёди этнографиро ҷамъоварӣ менамояд. Дар давоми ин сафари нахустини худ ӯ аз суҳбат бо низомиёни рус огоҳӣ меёбад, ки тоҷикони Помир аз дигар тоҷикон бо забон, урфу одат ва дину оинашон фарқ мекунанд. Экспедитсияи дувуми А.А. Бобринской соли 1898 баргузор гардид ва сафари охирони А.А. Бобринской ба Помир, бошад соли 1901 амалӣ мешавад. Ҳамин тавр, дар минтақаи Помир А.А. Бобринской бо тоҷиконе вохӯрд, ки бо забонҳои қадимаи тоҷикӣ (вахонӣ, рушонӣ, сарикулӣ, ишкошимӣ, шуғнонӣ ва язғуломӣ) ҳарф мезаданд ва онҳо аз забони форсии тоҷикӣ фарқ мекарданд.

Мутаассифона таҳқиқоти илмии А.А. Бобринской дар ватанаш, бо сабаби ғалабаи Инқилоби Октябр қатъ мешавад, зеро ӯ ҳамчун намояндаи табақаи ашроф таҳти фишор қарор мегирад. Дар чунин шароит вай Россияро тарк карда, соли 1918 барои истиқомати доимӣ ба Италия кӯч мебанданд ва дар он ҷо моҳи декабри соли 1938 дар синни 77 - солагӣ вафот мекунад.[3]

Ҳамин тавр, даврањои асосии ҳаёт ва фаъолияти А.А. Бобринскойро таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки шароити хуби таҳсил дар мактаб ва таваҷҷуҳи зиёд нисбат ба этнография ва таърихи халқҳои гуногун ин шахси бузургро ба роҳи илм равона кардааст.

---

[1]Бобринской А.А. Нақшу нигори тоҷикони кӯҳистони Дарвоз (Бухорои шарқӣ). – М., 1990. - Душанбе, 2014. Бо тарҷумаи Ҷӯрахон Зоир. - С.5-6.

[2]Богоявленский Н. В. На озерах Памира. Дневник отдела ихтиологии императорского Общества акклиматизации животных и растений. II/5—6 (1901)

[3]Худоназаров Д. Душа найдёт покой/ Худоназаров Д. // Родина. — М., 2008. № 7. — С. 63 - 67.

Дар зербоби дуюми боби аввал ***"Таҳлили осори илмии А.А. Бобринской оид ба Кӯҳистони Бадахшон»*** асарҳои олим, ки ба масъалаҳои этнография ва таърихи Бадахшони Кӯҳӣ бахшида шудаанд, таҳлил карда шудаанд.

Мероси илмӣ ва маълумотҳои этнографии А. А. Бобринской доир ба минтақаи Бадахшон аз се китоб иборат мебошад.

Асари аввалини А.А. Бобринской, ки ба омӯзиши Кӯҳистони Бадахшон алоқаманд аст, ин «Наққошии тоҷикони кӯҳистони Дарвоз»[1] мебошад. Ин китоб ба ғайр аз матн аз панҷ акси ранга ва 15 акси сиёҳсафед иборат буда, оид ба ҳар кадоми ин аксҳо таҳлилҳои А.А. Бобринской оварда шудаанд. Дар аввали китоб А.А.Бобринской мавқеи ҷуғрофии Дарвоз ва хатти сарҳади онро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Дар зербобҳои минбаъдаи китоб роҷеъ ба намунаҳое аз гулдузӣ ва ҷуроббофии мардуми Дарвоз граф А.А. Бобринской ибрози назар мекунад.

Китоби дувуми А.А. Бобринской бо номи «Секта исмаилия в русских и бухарских пределах Средней Азии» соли 1902 нашр гардид. Ин китоб аз 18 саҳифа иборат буда, мазмуни асосии онро суҳбатҳои А. А. Бобринской бо пирони мазҳаби исмоилӣ фаро мегирад.[2]

Соли 1908 А.А. Бобринской китоби сеюми худ «Кӯҳистониёни болооби Панҷ (вахониён ва ишкошимиҳо)»-ро ба нашр мерасонад.[3] Дар ин асар А.А.Бобринской тамоми ҷиҳатҳои ҳаёти мардуми Кӯҳистони Бадахшонро таҳлил мекунад. Ин аввалин асари нисбатан мукаммал оид ба этнографияи тоҷикони Помир дар таърихнигории рус ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи илми этнография ва умуман талабот нисбат ба он исбот кард, ки маълумотҳои А.А. Бобринской барои омӯзиши этнографияи Тоҷикистон арзиши муҳими илмӣ дорад.

Муаллиф илова ба Вахон ва Ишкошим, таҳлили муқоисавии тамоми минтақаҳои Кӯҳистони Бадахшон ва ҳатто Зарафшонро низ овардааст. Ҳамчунин муаллиф дар китоби мазкур дар бораи Суғди қадим, Шуғнон, Қаротегин, Тахористон дар давраи Кушониён маълумоти иловагӣ додааст. Дар маҷмуъ А.А. Бобринской фолклор, урфу одат, дину оин ва ҳунарҳои мардумиро дар Кӯҳистони Бадахшон мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Ҳамин тариқ, осори илмии А.А. Бобринской хусусияти ягона надошта, тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро гирифтаанд. Метавон хулоса кард, ки асари охирини ӯ дар таърихнигории рус аввалин таҳқиқоте мебошад, ки дар он муаллиф кӯшиш намудааст, ки тамоми масъалаҳои этнографии мардуми Кӯҳистони Бадахшонро инъикос намояд.

Боби дуюми диссертатсия ***«Инъикоси таърихи Помир дар асарҳои А. А. Бобринской»*** унвон дошта, аз чор зербоб иборат аст.

---

[1]Бобринской А.А. Орнамент горнных таджиков Дарваза. – М., 1900. – 60 с.

[2]Бобринской А.А. Секта исмаилия в русских и бухарских пределах Средней Азии. – М., 1902. - С.3.

[3]Бобринской А.А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы)– М., 1908. – С. 5.

Дар зербоби якуми боби дуюм ***"Вазъи сиёсии Помир дар охири асри XIX"*** вазъи сиёсии минтақа дар охири асри XIX таҳлил гардидааст.

Авзои минтақа дар арафаи сафарҳои А.А. Бобринскойро омӯхта, онро бояд ҳамчун як қисми таърихи муносибатҳои Англия ва Россия ба эътибор гирифт, зеро тамоми воқеаҳо ва нақшаҳое, ки дар байни ин давлатҳо амалӣ мешуданд, хоҳу нохоҳ ба қисмати тоҷикони Помир таъсир мерасониданд.

Оғози фаъолияти русҳо дар ин минтақа ба давраи истилои афғонҳо дар Помир рост омад. Бояд қайд кард, ки русҳо аз рӯзҳои ворид шудан ба Осиёи Миёна аҳамияти стратегии Помирро дарк накарданд. Капитан Г.А. Арандаренко, ки бо супориши генерал – губернатори Туркистон Кауфман вазъи сиёсии минтақаро таҳлил кардааст, дар муқоиса ба таҳлилҳои А.А. Бобринской мавқеи муҳими геополитикии Бадахшонро нишон намедиҳад.

Аз охири солҳои 70-уми асри XIX сар карда, рақобати русҳо ва англисҳо ба авҷи баланди худ расид. Соли 1873 мутобиқи шартномаи Россия ва Англия Помир ҳамчун доираи таъсири хонигарии Хуқанд эътироф гардид. Соли 1876 экспедитсияи генерал М.Д. Скобелев минтақаро таҳқиқ намуд.

Танҳо баъди он, ки англисҳо ба Афғонистон пайвастани Помирро дар нақша гузоштанд, сиёсати русҳо низ дар ин самт фаъол гардид. Аз соли 1883 то соли 1893 вазъи тоҷикони Помир хеле вазнин гардид. Сабаби асосии ин душвориҳо ҳуҷуми афғонҳо ба заминҳои соҳили рости дарёи Панҷ буд. Дар ин давра бо дастгирии ҳукумати Англия амири Афғонистон Абдураҳмонхон лашкарашро барои ишғоли кардани ин заминҳо фиристод.

Вазъияти ин давраро таҳлил карда, қайд кардан зарур аст, ки дар давоми 10 сол, аз соли 1883 то соли 1893 русҳо худро бетараф гирифта, ба муроҷиатҳои мардуми Шуғнон, Вахон, Рӯшон ҷавобе надоданд. Сабаби инро дар сиёсати дипломатҳои Россия дидан мумкин аст, ки бо ҳар роҳ мехостанд муносибати хубро бо Англия ҳифз намоянд. Аммо ин кӯтоҳандешии онҳо сабаби боз ҳам афзудани нуфузи Англия дар Помир гардид. Дар ин минтақа русҳо манфиати худро дуруст дарк намекарданд ва ҳатто дар миёни роҳбарияти Русия онҳое низ буданд, ки ин харҷҳоро беҳуда меҳисобиданд. Ин буд, ки фаъолияти англисҳо бештар гардид ва онҳо аз ҳудуди Афғонистон гузашта, ба Помир наздик мешуданд.

Моҳи июли соли 1894 дастаи сарбозони рус бо фармондеҳии Михаил Ефимович Ионов дастаи ғоратгарони афғонро шикаст дода, заминҳои Помирро ба Россия ҳамроҳ мекунад. Ба ҳар ҳол соли 1895 масъалаи Помир ҳал гардид. Моҳи июли соли 1895 бо бастани шартномаи байни Англия ва Россия, Помир расман ба ҳайати Россия ҳамроҳ шуд.

Хулоса, А. А. Бобринской сиёсати Россия ва Англияро ҳангоми сарҳадмуайянкунӣ тавассути дарёи Панҷ нисбат ба тоҷикони Помир зери

танқид қарор дода, онро шабеҳи тақсим намудани як деҳаи руснишин, аз миёни як кӯча, байни ду давлат донистааст[1].

Дар зербоби дуюми боби дуюм ***"А.А. Бобринской ва инъикоси таърихи исмоилия дар Помир"*** саҳми А. А. Бобринской дар омӯзиши мазҳаби исмоилия инъикос гардидааст.

Муҳимтарин мавзуъ барои А.А. Бобринской дар давоми се экспедитсияи вай исбот намудани густариши мазҳаби исмоилия дар Помир буд. Дар рафти таҳқиқот ӯ бори нахуст дар таърихнигории рус исбот менамояд, ки тоҷикони Помир пайрави мазҳаби исмоилия мебошанд.[2] Чунон ки худи А.А. Бобринской менависад, пирони исмоилӣ оид ба мазҳаби худ ба шахси бегона маълумот намедоданд. Дар давоми суҳбатҳои аввалини худ бо мардуми маҳаллӣ А.А. Бобринской аз онҳо ягон маълумотро дар бораи мазҳаби исмоилӣ гирифта наметавонад, зеро мардуми ин минтақа ба бегонагон бовар надоштанд ва аз ҳамин лиҳоз бо А.А. Бобринской дар ин мавзуъ ягон масъаларо муҳокима намекарданд. Пас аз пайдо кардани боварӣ нисбат ба А.А. Бобринской пирони исмоилӣ бо вай оид ба мазҳаби исмоилӣ суҳбатҳо доир намуда, таърихи онро нақл мекарданд. Ин суҳбатҳо оид ба фалсафаи исмоилӣ ягон маълумот надоштанд ва танҳо барои А.А. Бобринской маълумоти таърихӣ доданд.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки А.А. Бобринской дар таърихнигории рус аввалин олиме дониста мешавад, ки тавонист маълумоти муайянро дар бораи эътиқоди динии сокинони Помир ва тарзи фаъолияти институтҳои пирони исмоилиро бевосита аз худи пирони исмоилӣ дастрас намояд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм ***«Иқтисод ва муносиботи заминдорӣ»*** масъалаҳои иқтисодӣ ва заминдории сокинони Кӯҳистони Бадахшон дар асоси маълумоти А. А. Бобринской инъикос гардидааст.

Масъалаи дигаре, ки дар асарҳои А. А. Бобринской оварда шудааст, ин вазъи иқтисодӣ ва анъанаи зироаткории сокинони минтақа мебошад. Камзаминию камҳосилии Помири Ғарбиро А.А. Бобринской ва дигар олимону муҳаққиқони рус мушоҳида карданд, дар чунин заминҳо рӯёнидани ҳосили фаровон аз имкон берун буд ва аз ҳамин сабаб зиндагии мардум қашшоқона ва бо азобу машаққат мегузашт.[3]

Барои ҳамин доир ба масъалаи зироаткорӣ А.А. Бобринской дар пеши худ як савол гузошт: Оё мардуми маҳаллӣ аз ҳисоби заминҳои камҳосил метавонистанд худро дар зимистони қаҳратун бо захираи ғизо таъмин намоянд? Дар ҷавоб ба ин савол А.А. Бобринской аз бардошти ҳосили заминҳои мардуми маҳаллӣ мефаҳмад, ки на ҳама хешро бо

---

[1]Бобринской А. А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). – М., 1908. – С. 4.

[2]Бобринской А.А. Секта исмаилия в русских и бухарских пределах Средней Азии. – М., 1902. – С. 2.

[3]Серебренников А. Очерки Памира. – М., 1900. - С.37.

маҳслоти худӣ аз як фасл ба фасли дигар мерасонанд. Заминдори калон дар Бадахшон вуҷуд надошт. Танҳо як нафар дар деҳаи Шитхарв дида мешуд, ки 26 қитъа замин дошт. Дар ҳамин замин ду мардикор аз Зебок кор мекарданд. Боқимондаи заминҳо аз 5 то 15 порро ташкил медод. Аз зиратҳо сокинон гандум, нахуд, кунҷид, каду, лаблабу, пиёз ва ғайра мекориданд.[1] Г.А. Арандаренко қайд менамояд, ки дар Дарвоз шахсони заминдор дар ин ҷо то 400 таноб замини корам доранд.[2] Чунин соҳибони заминҳои зиёд дар минтақаҳои болооби Панҷ ба мисли Вахон мушоҳида намешуданд.

Масъалаи дигаре, ки А.А. Бобринской ба он таваҷҷуҳ намудааст, ин низоми обёрӣ мебошад. Низоми обёрии ҳар як деҳа аз дигараш фарқ мекард. Аммо дар маҷмуъ қариб, ки дар ҳамаи деҳаҳо обёрии заминҳо бо ҳам монанд буд. Одатан аз назди деҳаҳо ҷӯйбори калон мегузашт ва ҳар як сокини деҳа бо навбат обро ба замини худ ҷорӣ мекард. Барои мураттаб таъмин кардани обдиҳии замин дар деҳаҳо шахси мутасаддӣ оид ба об интихоб мешуд ё ки аз тарафи ҳокими маҳаллӣ таъйин мегардид, ки ӯро “мироб” ё “мирҷӯй” меномиданд.

Дар хулосаи зербоб ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки А.А. Бобринской хоҷагидорӣ, кишоварзӣ ва тарзи коркарди зироатҳоро таҳлил намуда, онро бо дигар минтақаҳо муқоиса намудааст ва душвор будани шароити кишоварзӣ дар Бадахшонро нишон медиҳад.

Дар зербоби чоруми боби дуюм ***“Шуғли аҳолӣ, ҳунармандӣ ва тиҷорат”*** масъалаҳои шуғли анъанавӣ, ҳунармандӣ ва сатҳи муносиботи тиҷоратӣ дар Кӯҳистони Бадахшон тибқи асарҳои А. А. Бобринской таҳлил гардидаанд.

А.А. Бобринской мавқеи ҷуғрофии қаторкӯҳҳои Бадахшонро омӯхта, аҳамияти стратегӣ доштани ин минтақаро дарк мекунад, зеро тавассути он чандин роҳҳои сатҳи байналмилалӣ ва дохилӣ мегузаштанд, ки барои инкишофи савдои дохилӣ ва берунии минтақа мусоидат мекарданд. Роҳҳои қадимии тиҷоратӣ, ки тавассути Помир ба тарафи Хитой ва Фарғона мегузаштанд, новобаста аз вазъи сиёсӣ аҳамияти худро ҳифз мекарданд ва ин омил барои сокиноне, ки дар наздикии ин роҳҳо зиндагӣ доштанд, шуғли иловагиро дар шакли савдо ва доду гирифт таъмин мекард.

Аз рӯи маълумотҳои А.А. Бобринской дар ҳар як деҳа ва марказҳои калони ҳудуди Бадахшон ҳунармандон бо истеҳсоли либоси мардона ва занона шуғл доштанд, ки онро аз пашм истеҳсол мекарданд. Аз ҷумла, А.А. Бобринский либосҳои дар ин макон дӯхташударо омӯхта менависад: «Либоси сокини кӯҳистон аз матои сахти пашмин дӯхта мешавад. ... Онҳо инчунин аз пашм ҷӯроб, сарпӯш, токӣ, паколро мебофтанд. Аз пӯсти

[1]Бобринской А.А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). – М., 1908. - С. 82.
[2]Арандаренко Г.А. Досуги в Туркестане 1874-1889. – СПб., 1889. - С . 456.

гӯсфанд бошад, мӯзаҳои чарминро истеҳсол мекарданд. Аз таги либоси болоӣ онҳо куртаи тунукро (якта) мепӯшиданд, ки он аз матоъҳои кашмирӣ дӯхта мешуд. Дар зимистон онҳо аз либоси ғафси пашмин болопӯш медӯхтанд, ки онро ҳам мардон ва ҳам занон мепӯшиданд».[1] Оид ба пойафзоли кӯҳистониён низ А.А. Бобринской маълумот додааст.

А.А. Бобринской либосҳои мардуми маҳаллиро таҳлил намуда, онро ҳамчун истеҳсоли косибони хонагӣ нишон медиҳад. Аз он ҷумла, кӯзаҳои сафолӣ ва чароғҳои сафолинро занон аз гили пухташуда омода мекарданд. А.А. Бобринской ҳунари кулолгариро як омили худтаъминкунии мардум медонист. Вай қайд мекунад, ки бо тақсимкунии меҳнат байни занон ва мардон, сокинон бо ҳар роҳ барои рӯзгор чизеро истеҳсол мекарданд.[2]

Мардон, дар истеҳсоли матоъ, палосбофӣ, намадбофӣ ва тайёр кардани либоси пашмин машғул буданд. Барои истеҳсоли ин маҳсулот одатан пашми гӯсфандро истифода мекарданд. Онро ранг намекарданд ва бо рангҳои табиӣ ё бо ранги сиёҳ ва ё сафед истифода мекарданд.[3] Матоъҳои ғафси пашминро мардон истеҳсол мекарданд ва он барои дӯхтани либоси гарм истифода мешуд. Сифати ин матоъҳо хуб буд ва онҳоро аз Бадахшон тавассути Вахон ба Чатроли Ҳинд мебурданд ва бо матоъҳои тунуки кашмирӣ иваз мекарданд. Дар деҳаҳо косибон палосҳои пашмин, матоъҳои сода барои либос аз пашм, анвои маҳсулоти кулолӣ, ресмон, сабад ва дигар аҷноси зарурати хоҷагии мардум истеҳсол мекарданд. Инчунин аз тарафи ҳунармандони маҳаллӣ риштаи пашмин ба фурӯш бароварда мешуд. Молҳои дигар барои зарурати хоҷагии мардум аз Бадахшони Афғонистон ворид мешуд.[4]

Аз ин маълумотҳои граф А.А. Бобринской бармеояд, ки савдо миёни ноҳияҳои ҳамсарҳад рушд карда буд. Палосҳо ва намадҳоро мардуми маҳаллӣ худашон мебофтанд ва бо ин маҳсулот худро ба пуррагӣ таъмин мекарданд. Дар фасли тобистон занон пашмро дар боғҳо рост карда, ба намадбофӣ мепардохтанд.

Маҳсулоти асосии савдо ва ҳунармандии сокинони Кӯҳистони Бадахшонро таҳлил намуда, А.А. Бобринской маъдани оҳанро ҳамчун моли асосии савдои мардуми Дарвозу Ванҷ нишон медиҳад. Аз ҷумла, вай менависад, ки маъдани оҳанро аз Дарвоз то ба ноҳияи Вахон барои муомилоти савдо мебурданд.

А.А. Бобринской роҷеъ ба тиҷорати мардуми Помир дар хусуси муомилоти пулӣ хеле кам менависад. Танҳо ҳаминро қайд мекунад, ки сардо-

---

[1]Бобринской А.А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). – М., 1908. - С.52.

[2]Бобринской А.А. Нақшу нигори тоҷикони кӯҳистони Дарвоз (Бухорои шарқӣ). – М., 1900, Душанбе, 2014. - Бо тарҷумаи Ҷӯрахон Зоир. – С. 22.

[3]Olufsen O. Through the unknown Pamirs (Vakhan and Garan); the second Danish Pamir expedition. - London, 1898-99 (1904).– С. 34.

[4]Бобринской А.А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). – М., 1908. – С. 166.

рони отряди Помир барои мардум худашон нарх карда, аз онҳо мол мехариданд. Чунончи, нархи барра 80 тин, гӯсфанди вазни миёна аз 1 рубл то 1.50 рубл, гӯсфанди калон аз 2 то 3 рубл нарх дошт.[1]

А.А. Бобринской инчунин менависад, ки як қисми сокинон бо шуғули мардикорӣ умр ба сар бурда, барои он ба хориҷ мерафтанд. А.А. Бобринской аз соҳаи шикор низ ёдрас мешавад ва онро ҳамчун яке аз манбаъҳои зиндагии мардуми кӯҳистон маҳсуб медонад.

Ҳамин тавр, дар давоми сафарҳои худ А.А. Бобринской ба шуғли аҳолӣ, ҳунар, тиҷорату истеъдоди мардуми Бадахшони Кӯҳӣ диққати хоса дода, кашидадӯзиҳои онҳоро ҳамчун анъанаи мардуми ориёӣ зикр мекунад.

Боби сеюми диссертатсия ***«Нақши А. А. Бобринской дар омӯзиши этнографияи Помир»*** ном дошта, он аз панҷ зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби сеюми диссертатсия ***«Характеристикаи антропологӣ ва этникии сокинони минтақа»*** хусусиятҳои симошиносӣ ва этникии мардуми Бадахшон оварда шудааст.

А. А. Бобринской дар сарзамини Бадахшон таҳлили этникии сокинони маҳаллиро аз тақсимбандии нажодии онҳо ба ду гурӯҳи асосӣ – эронӣ, ки ба онҳо тоҷикони кӯҳистон дохил мешуданд ва қирғизҳо, ки дар қисмати шарқии Помир сукунат доштанд, оғоз мекунад. А.А. Бобринской антрополог набуд, аммо дар таҳқиқотҳои худ ба ин ҷиҳати масъала диққат додааст. Ӯ чеҳраи дарвозиҳоро чун чеҳраи аврупоӣ аст тасвир мекунад.[2]

Ин мушоҳидаҳоро вай дар дигар минтақаҳои Бадахшон низ идома медиҳад. Аз он ҷумла вай доир ба сохти чеҳраи рӯй, бадан ва аломатҳои ҷисмонии мардуми кӯҳистон чунин маълумот медиҳад: «Шарт нест, ки шахс антрополог бошад, то ки хусусиятҳои ҷисмонии мардуми ин минтақаро муайян созад. Дар ин минтақа одамон бо қади баланд ва дасту пойи дароз, аксарияташон лоғар зиндагӣ мекунанд. Панҷаҳои пойҳо ва панҷаҳои дастҳояшон дароз буда одамони фарбеҳ дар миёнашон хеле кам ё тамоман дида намешаванд. Онҳо чашмони чуқур ҷойгиршуда доранд. Мӯй дар бадан надоранд. Дар офтоб сӯхта танаи онҳо ранги ҷигарӣ мегирад. Одамони сиёҳчатоб ва сурхчатоб дар ин ҷо дида намешавад. Бинӣ ва лабҳо дар ин ҷо шакли ҳархеларо доранд».[3] Бояд қайд кард, ки кори махсусро доир ба антропология Н.В. Богоявленский иҷро мекард. Вай сохти майнаи сар ва рӯи 554 нафар мардро аз синни 22 то 55-сола омӯхта, онҳоро ҳамчун аврупоӣ муайян кард. Дар давоми таҳқиқот Н.В. Богоявленский инчунин қаду қомат, таъсири иқлим, ғизо ва дигар омилҳоро дар инкишофи инсонҳо дар минтақаи кӯҳистон мавриди таҳқиқ қарор дод. Баъдтар вай ин маълумотҳоро дар китоби худ дарҷ кард, ки дар омӯзиши

---

[1]Ҳамон ҷо. - С. 88.

[2]Бобринской А.А. Нақшу нигори тоҷикони кӯҳистони Дарвоз (Бухорои шаркӣ). – М., 1900, Душанбе, 2014. – Бо тарҷумаи Ҷӯрахон Зоир. – С. 15 – 19.

[3]Бобринской А.А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы) – М., 1908. - С. 48.

антропологияи Помир қадами аввалин ба шумор меравад.[1] А.А. Бобринской менависад, ки занони Вахон нозуку рангу рӯи зебо доранд. Муаллиф барои муқоиса қайд мекунад, ки тоҷикони шуғнонӣ назар ба тоҷикони вахонӣ ба тоҷикони водинишин бештар монанданд. Намуди зоҳирии мардуми Дарвозро вай чунин тасвир мекунад: «Қадашон миёна, аксаран баланд, баданашон хушк, мушакдор, пойҳои дарозу бақувват, вале ба мисли аксар кӯҳистониён бо ранги моҳичаи каме баромада, банди дасти начандон калон, рӯйи дарози офтобсӯхта, бинӣ каме камоншакл, чашмонашон сиёҳ ё хокистарранг, мӯйҳои аксари онҳо хурмоирангу сиёҳ ва гоҳҳо зард мебошад. Дар ҳар деҳа аз се то панҷ ва шаш нафари навъи соф аврупоиро дарёфт намудан мумкин аст, ки деҳқонони малламӯйи моро ба хотир меоварад. Онҳо қадашон миёна, аксаран баланд, баданашон васеъ, рӯяшон сафед бо рухсораҳои сурх, рӯи офтобсӯхтаи сурх, чашмонашон хокистарранг, гоҳо кабуд, муйҳо сафедранг, мӯйлабу ришҳо зич мебошанд. Қариб дар ҳар як деҳаи Дарвоз ду – се нафари навъи № 4 - ро дучор омадан мумкин аст. Яъне қадашон миёна, аксаран паст, баданашон дароз, пойҳояшон кӯтоҳ, рӯяшон сергӯшт бо ҳамин гуна бинӣ, лабонашон ғафс, чашмонашон сиёҳ, ранги рӯяшон хеле сабзина».[2] Арандаренко низ ба ҳамин монанд мардуми кӯҳистонро тасвир мекунад.[3]

Барои А.А. Бобринской бисёр муҳим буд, ки мансубияти миллӣ ва қавмии мардуми Бадахшонро муайян созад, зеро мушоҳидаи зоҳирӣ, фарқият дар забон ва лаҳҷаи ин мардум дар пеши аъзои экспедитсия саволҳои зиёдро доир ба мансубияти миллии онҳо ба вуҷуд овард. Аммо дар суҳбат бо сокинон вай ҳамеша аз мардум ба миллати тоҷик мансуб будани онҳоро мешунид. Вай дар ин бора чунин қайд мекунад: «Дарвозиён, ба мисли тамоми кӯҳистониёни атрофи Зарафшон, Қаротегин, Рӯшон, Шуғонон, Вахон бо ифтихор худро тоҷик меноманд. Ҳамаи кӯҳистониёни номбаршуда бо лаҳҷаи эронӣ гуфтугӯ мекунанд»[4].

А.А. Бобринской сабаби асосии маскуншавии минтақаҳои кӯҳистонро дар фишори қабилаҳои ҷангҷӯ нисбат ба тоҷикони водиҳо мебинад, ки маҷбуран водиҳоро тарк намуда, дар кӯҳсорҳо паногоҳ меҷустанд.

Хулоса, дар натиҷаи таҳқиқотҳои антропологӣ ва этникии сокинони минтақа, А.А. Бобринской ба хулосае омад, ки мардуми ин сарзамин ба нажоди ҳиндуаврупоӣ дохил мешавад ва худро тоҷик муаррифӣ карда, аз он ифтихор мекунанд. Мардуми минтақаи Кӯҳистони Бадахшон ба А.А.

---

[1]Богоявленский Н. В. В верховьях р. Аму - Дарьи (Долины р. Хингоу и Ванджа) // Землевладение. – Книга I – II. – СПб., 1901. – С. 1 – 26.

[2]Бобринской А.А. Нақшу нигори тоҷикони кӯҳистони Дарвоз (Бухорои шаркӣ). – М., 1900, Душанбе, 2014. Бо тарҷумаи Ҷӯрахон Зоир. – С. 24 – 25.

[3]Арандаренко Г.А. Досуги в Туркестане 1874-1889. – СПб., 1889 .- С . 453.

[4]Бобринской А.А. Нақшу нигори тоҷикони кӯҳистони Дарвоз (Бухорои шаркӣ). – М., 1900, Душанбе, 2014. Бо тарҷумаи Ҷӯрахон Зоир. - С. 22.

Бобринской ва ҳайати экспедитсия оид ба тоҷики асил буданашон маълумоти дақиқро пешниҳод намуданд.

Дар зербоби дуюми боби сеюм ***«Муносиботи оилавӣ ва никоҳ аз нигоҳи А.А. Бобринской»*** оид ба сатҳи иньикоси масъалаҳои оиладорӣ ва никоҳи кӯҳистониён дар асарҳои А. А. Бобринской сухан меравад.

Алексей Алексеевич Бобринской ҳамчун этнограф ба низоми оиладорӣ, маросими сур (тӯй), тарбияи фарзанд ва дигар урфу одатҳо, ки бо хонавода алоқамандӣ доранд, таваҷҷуҳ дода, қисми таҳқиқоти худро ба ин соҳа бахшидааст. Мувофиқи маълумоти А.А. Бобринской барпо кардани оила барои мардуми Кӯҳистони Бадахшон нисбат ба дигар минтақаҳои Осиёи Миёна нисбатан осон буд. Азбаски мардум зиндагии фақирона дошт, дар ин ҷо «қалин» мисле ки дар минтақаҳои шаҳрнишин маълум буд, вуҷуд надошт. Анъанаи хонадоршавӣ ва маросимҳои вобаста ба онро А.А. Бобринской дар китоби худ хеле муфассал таҳлил намудааст.[1]

Бояд гуфт, ки сур (тӯй) мисли дигар минтақаи кӯҳистон одатан дар фасли тирамоҳ ва баъзан дар зимистон барпо мешуд, зеро дар дигар мавсими сол мардум бо киштукор ва парвариши зироат машғул буданд. Ба ғайр аз ин баъди ҷамъоварии ҳосил, супоридани маҳр ва гузаронидани тӯй барои домод осонтар мешуд ва чорво дар ин давра нисбатан фарбеҳтар буд. А.А. Бобринской менависад, ки меҳру муҳаббати оилавӣ дар ин ҷо нақши калон дошт. Талоқи зану шавҳар дар ин минтақа нисбат ба дигар минтақаҳо дида намешуд. Яке аз сабабҳои инро А.А. Бобринской дар шароити душвори зиндагӣ медид.

Баъди маросими тӯй ва барпо кардани оила, А.А. Бобринской инчунин маросими таваллуди фарзандро тасвир мекунад. Таваллуд шудани фарзанд барои оила бузургтарин ҳадяи зиндагӣ аст. Аз ҳамин лиҳоз хешу табор ва наздикон ба табрики онҳо меоянд. А.А. Бобринской ин маросимро ёдовар шуда, менависад, ки барои онҳо барзагов, силоҳ, гӯсфанд, матоъ ва намудҳои гуногуни ҳадя меоранд.[2]

Дар хулосаи зербоб ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки тасвири пурраи маросими пеш аз тӯй ва муносибатҳои оиладорӣ аз тарафи А.А. Бобринской аҳамияти этнографӣ ва таърихӣ дорад, зеро баъзе аз ин анъанаҳо аз байн рафтаанд ва танҳо тавассути таҳқиқотҳои ӯ дар бораи маросимҳои оиладорӣ метавон маълумот пайдо кард.

---

[1]Бобринской А.А. Горцы верховья Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). – М., 1908. – С. 89.
[2]Ҳамон ҷо. - С. 95.

Дар зербоби сеюми боби сеюм ***“Бовариҳои динӣ ва маросимҳои анъанавии парастишии сокинони Помир аз нигоҳи А.А. Бобринской”*** расму этиқод ва бовариҳои мардуми Помир аз рӯи маълумоти А. А. Бобринской баррасӣ гардидааст.

Хусусияти хоси минтақаи Осиёи Миёнаи давраи сафарҳои А.А. Бобринской ин боварии зиёди мардум ба ҳар гуна ҷойҳои муқаддас, остонҳо ва зиёратгоҳҳо буд. Бо он тариқе, ки парастишгоҳҳо дар Осиёи Миёна густариш ёфтанд, дар кишвари Россия дида намешуданд. Ин равандро дар минтақаи Бадахшон таҳлил карда, А.А. Бобринской дар баробари мазҳаби онҳо, инчунин таъсир ва боқӣ мондани эътиқодҳои гузашта дар байни мардумро ёдрас мекунад.[1] А.А. Бобринской дар рӯзномаи сафарҳои худ қайд мекунад, ки омӯзиши парастишҳои мардумӣ аҳамияти калон доранд, зеро он тамоми таърихи инкишофи инсоният, муқовимат ва муборизаи вайро бо табиат инъикос мекунад.

А.А. Бобринской дар давоми сафарҳои худ дар Кӯҳистони Бадахшон нақши зиёратгоҳҳо ва остонҳоро дар дину оини мардуми кӯҳистон муҳим меҳисобад. Мардум дар ҳар давра ва бо ҳар сабаб ба назди ин зиёратгоҳҳо ва остонҳо омада, чизеро аз хӯрок ба ин ҷо меовардаанд. А.А. Бобринской тамоми ин ҷойҳоро аз Дарвоз то Помири Шарқӣ ва Вахону Ишкошим меомӯзад ва дар ҳамаи мавридҳо аломатҳои динии онҳоро қайд мекунад.

Ғорҳоро граф дар минтақаи Вахону Ишкошим бисёр вомехӯрад, аммо онҳоро мардуми маҳаллӣ танҳо барои гурезагоҳ дар давраи ҳуҷуми аҷнабиён истифода мекарданд. Дар бораи макони муқаддас ҳисобида шудани ин ғорҳо профессор Ҳамза Камол дар китоби «Мазорҳои Шимолии Тоҷикистон» қайд мекунад: "пас аз зери панҷаи ислом рафтани Осиёи Марказӣ ва русухи дини ислом дар ин ҷо ин бовариҳо чун бо ҳам ихтилоф надоштанд, омезиш пайдо карданд, дастгири якдигар шуданд ва тавонистанд дар масири таърих мондагор бошанд».[2]

Барои А.А. Бобринской ин натиҷа таассуфовар буд, зеро вай Помирро ҳамчун макони боқимондаҳои ориёиҳо медонист ва боварии комил дошт, ки дар ин зиёратгоҳҳо ҳатман аломатҳои динҳои тоисломиро меёбад.

Дар хулосаи ҳамин зербоб қайд шудааст, ки тасавуротҳо доир ба қувваҳои фавқултабиӣ бечунучаро ба муҳити зисти одамон вобастагӣ дошт.

Дар зербоби чоруми боби сеюм ***“Тақвимҳо ва идҳои сокинони Помир дар нигориши А.А. Бобринской”*** саҳми А. А. Бобринской дар таҳқиқи тақвимҳо ва идҳои анъанавии мардуми Помир муайян шудааст.

Дар давоми экспедитсияҳо ба Кӯҳистони Бадахшон А.А. Бобринской ба идҳо, ҷашнҳо ва тақвими мардумӣ диққати хоса дод, зеро дар ин

---

[1]Бобринской А.А. Горцы верховья Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). – М., 1908. -С. 147.

[2]Ҳамза Камол, Мазорҳои шимолии Тоҷикистон. – Душанбе: Деваштич. – С. 119.

унсурҳо бевосита таърихи анъанаҳои мардумӣ ва фарҳанги ин минтақа иньикос мегардид. Дар хусуси истифодаи тақвим дар Кӯҳистони Бадахшон А.А. Бобринской менависад, ки он пурра аз рӯи сохти бадани инсон номгузорӣ шудааст ва ин тарзи ҳисобкунии рӯзҳо барои А. А. Бобринской ҳамчун навоварӣ буд.

А.А. Бобринской ин тақвими мардуми Помирро бо тақвими мардуми Зарафшон муқоиса мекунад. Дар Зарафшон мувофиқи маълумоти ӯ одамон соли худро бо номи ҳайвонот тақассум мекарданд ва агар касеро мепурсиданд, ки дар кадом сол таваллуд шудааст, вай ҷавоб медод, ки дар соли муш ё паланг ва ё дигар ҳайвонро ном мегирифт. А.А. Бобринской менависад, ки барои мардуми болооби Панҷ ин тариқ солшуморӣ чандон шинос набуд.

Аз идҳои мардуми кӯҳистон муҳимтаринаш фарорасии Наврӯз аст, ки он дар таркиби мазмуни худ фалсафаи бузургеро тақассум мекунад. Аз фарорасии он мардуми деҳаро халифа ё ягон шахси соҳибилм хабар мекунад. А.А. Бобринской доир ба ин рӯз чунин менависад: «Дар рӯзи Наврӯз, вақте ки аҳли хонавода дар хонаанд, касе аз ҳамсояҳо савори хар шуда, ба хонаи онҳо медарояд. Бо худ вай боз гӯсфандро медарорад. Шахси харсавор аҳли хонаводаро бо Шогун Баҳор табрик мекунад ва ба гӯсфанд каме аз ғизо медиҳанд, пас аз он ҳама сари дастархон мешинанд»[1].

Дар хулосаи ҳамин зербоб зикр шудааст, ки А.А. Бобринской дар таҳлили тамоми ҷанбаҳои ҳаёти маънавии мардуми кӯҳистон саҳми босазо гузошт. Вай тақвими мардуми Помирро барои олимони он давра муаррифӣ кард ва онро бо тақвимҳои тоҷикони дигар минтақаҳо муқоиса намуд.

Дар зербоби панҷуми боби сеюм ***"Тасвири мероси фарҳанги моддӣ дар мисоли қалъаҳои Помир дар осори А.А. Бобринской"*** саҳми А. А. Бобринской дар таҳқиқи фарҳанги моддӣ ва қалъаҳои минтақа нишон дода шудааст.

Яке аз масъалаҳои асосие, ки А.А. Бобринской ба он таваҷҷуҳ кардааст, ин иньикоси ёдгориҳои таърихӣ, дар мисоли харобаҳои қалъаҳо, тӯпхонаҳо ва тасвири ғорҳо мебошанд, ки имрӯз ахбори олим арзиши илмии худро ҳифз карданд.

Дар баробари қалъаҳои Вахон, олим дар бораи тарзи сохтмони қалъаи Вамар, қалъаи Чарсем ва Рошткалъа ба таври мухтасар маълумот додааст. А.А. Бобринской ҳатто расми қалъаи Вамарро дар китоби худ ҷой додааст, ки ин аҳамияти калон барои таҳлили мукоисавии он бо ҳолати имрӯзаи қалъаи мазкур мебошад.[2] Чуноне ки худи А.А. Бобринской менависад, ҳаҷми қалъаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар сохтмони онҳо аҳолии тамоми деҳаҳои гирду атроф иштирок мекард, зеро дар сурати

---

[1]Бобринской А.А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). – М., 1908. – С. 163.
[2]Ҳамон ҷо. – С. 120.

ҳуҷуми душман аҳолӣ дар ин қалъаҳо паногоҳ меёфт. Барои ҳамин ҳам А.А. Бобринской ба хулосае меояд, ки ин қалъаҳоро мардум таҳти роҳбарии шахсе сохтаанд, зеро бе роҳбарии ягона ин гуна иморати азимро сохтан ғайриимкон буд.

А. А. Бобринской ҳангоми сафари худ харобаҳои иморатҳои қадимро дар Вахон, Ишкошим, Рӯшон, Ғорон ва Шуғнон таҳқиқ намудааст. Дар натиҷаи пажӯҳиш муҳаққиқ ёдгориҳои қадими Помирро ба ду гурӯҳ ҷудо менамояд: якум, харобаҳои тӯпхонаҳои муҳофизатӣ ва дуюм харобаҳои қалъаҳои ҳокимони минтақ. Ба гурӯҳи дуюм ӯ, инчунин қалъаҳоеро, ки аз онҳо мардум ҳамчун паногоҳ ҳангоми ҳуҷум ва дигар хатароти аз ҷониби аҷнабиён содир шуда, истифода мебурданд, илова менамояд.

Ҳамин тариқ, маълумоти А. А. Бобринской дар бораи ёдгориҳои таърихии Кӯҳистони Бадахшон аҳамияти илмӣ дошта, дар раванди таҳқиқи таърихи кишвар маъхази арзишманд ба ҳисоб мераванд. Ӯ оид ба қалъаҳои Помир маълумот дода, суратҳои бархе аз онҳоро ҷой додааст, ки арзиши илмии онро боз ҳам баланд мебардорад.

ХУЛОСА

I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар диссертатсия фаъолияти илмии яке аз олимони рус А.А. Бобринской ва саҳми ӯ дар омӯзиши таърих ва этнографияи мардуми Кӯҳистони Бадахшон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар баробари ҳамин фикру андешаҳои А.А. Бобринской бо назари дигар олимон ва сайёҳон, ки дар охири асри XIX ва аввали асри XX ба Кӯҳистони Бадахшон сафар карданд, муқоиса ва натиҷагирӣ шудааст. Маълумотҳои А.А. Бобринской хулосаҳои олимони дигарро пурратар мегардонад.

Таҳқиқоти Алексей Алексеевич Бобринской ва ҳамсафарони вай, ки се маротиба ба минтақаҳои кӯҳистон сафар намуданд, на танҳо барои омӯзиши этнография, бостоншиносӣ ва антропологияи халқи тоҷик асос гузоштанд, инчунин ба таҳқиқи таърихӣ халқи тоҷик мусоидат намуданд. Маълумотҳои А.А. Бобринской имкон фароҳам оварданд, то ки ҳаёти мардуми кӯҳистон диққати олимони соҳаҳои гуногуни илмро ба худ ҷалб созад. Муҳаббати бепоёни А.А. Бобринской нисбат ба илм, таҳқиқотҳои таърихӣ ва этнографӣ сабаб шуд, ки ӯ аз ҳисоби маблағи шахсии худ экспедитсияҳои илмиро ташкил намояд. Дар он давра теъдоди каме аз сарватмандон чунин ҳимматро доро буданд. Ӯ зиндагии пур аз неъматҳои фаровон ва шаҳрҳои калони Россияро тарк намуда, дар давоми чандин сол дар дараҳои душворгузари кӯҳистон ҷони худро дар хатар гузошта, баҳри илм, муаррифии мардуми ин минтақа рисолати бузурги таърихиро анҷом дод. Сафарҳои вай на танҳо ба хотири омӯзиши тарзи зиндагӣ ва урфу одати ин мардум амалӣ гардид, балки дар ин замон, ки миёни Русияи подшоҳӣ ва Англия барои пайдо кардани нуфузи бештар дар минтақа рақобат мерафт, ҳадафи низомӣ низ дошт. Имрӯз он ҳама маълумотҳое, ки А.А. Бобринской ҷамъоварӣ намудааст арзиши илмии худро аз даст

надодааст. Дар замоне ки дар минтақаи Осиёи Миёна оид ба дастгоҳи аккосӣ ягон тасаввуроте набуд, А.А. Бобринской ба тамоми душвориҳо нигоҳ накарда, дастгоҳи аккосиро бо худ ба минтақаи кӯҳистон овард ва аксҳои гирифтаи ин олим ҳамчун далели асосноки илмӣ имрӯз низ мавриди истифодаи олимон қарор мегиранд. Аҳамияти бештари экспедитсияҳои А.А. Бобринской дар он зоҳир гардид, ки дар давоми сафарҳои худ вай ва ҳамроҳонаш харитаи дараҳои водии Зарафшон ва роҳҳои кӯҳии гузаштан аз ин қаторкӯҳҳо ба тарафи қаторкӯҳҳои Дарвозу Қаротегинро тартиб доданд. А.А. Бобринской роҳи Дарвоз, Рӯшон ва Шуғнонро ҳамчун роҳи наздиктарини расидан ба минтақаи Помир муаррифӣ намуд.

Дар рафти сафарҳои илмӣ маълумотҳо ва маводҳои экспедитсияҳои А.А. Бобринской бо тартиби муайян ҷамъоварӣ гардида, барои пажӯҳишҳои минбаъдаи саҳроӣ намунаи ибрат мебошанд. Аз ин ҷиҳат дар рисола арзиши таҳқиқотҳои А.А. Бобринской ва аҳамияти этнографияи онҳо муайян гардида, ба омӯзиши минбаъдаи этнографии маҳалҳои гуногуни Тоҷикистон мусоидат намуданд. Тартиби замонии сафарҳои А.А. Бобринской имкон доданд, ки маълумотҳои вай бо маълумотҳои дигар муҳаққиқон мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гиранд. Дар маҷмуъ экспедетсияҳои А.А. Бобринской барои омӯзиши, этнография, бахусус этнографияи Кӯҳистони Тоҷикистон, ҷуғрофия ва антропологияи ин мардум аз арзиши илмӣ бархӯрдоранд. Дар диссертатсия инчунин баъзе маълумотҳои нодир аз ҳаёти шахсии А.А. Бобринскойро, ки ба фаъолияти илмии вай, аз ҷумла ба пажӯҳишҳои этнографӣ тааллуқ доранд, инъикос гардиданд. Дар рафти таҳқиқот бархе аз сарчашмаҳое истифода шуданд, ки маълумотҳои онҳо то кунун дар сатҳи кори илмӣ шарҳ наёфтаанд. Дар баробари таҳлилҳо, ки бевосита ба фаъолияти А.А. Бобринской марбутанд, инчунин таҳқиқотҳои этнографие мавриди омӯзиш қарор гирифтанд, ки бавосита ба фаъолияти граф А.А. Бобринской иртибот доштанд.

Дар асоси сарчашмаҳо ва китобҳои истифодашуда таҳлилҳои зарурӣ дастрас гардид ва имкон фароҳам омад, ки масъалаҳои зерин ҳалу фасл шаванд:

- кадом сабабҳо ва омилҳои асосӣ А.А. Бобринскойро ба таҳқиқи минтақаҳои кӯҳистони Осиёи Миёна, аз он ҷумла Зарафшон ва Бадахшон водор намуданд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки экспедидтсияи А.А. Бобринской барои он ин минтақаҳоро ҳамчун объекти таҳқиқот интихоб намуд, ки омӯзиши этнографии онҳо дар ин давра ҳанӯз оғоз нашуда буд ва ин барои илм ҳамчун минтақаи ношинохта дониста мешуд. Сабаби дувуми интихоби минтақаҳои кӯҳистон ба сифати объекти таҳқиқот дар он зоҳир мегардид, ки дар ин минтақаҳо масоили ҷолибе дар тамоми самтҳои ҳаёти мардум барои этнографҳо мушоҳида мешуданд ва таҳлили пурраи онҳо дар доираи як экспедитсия ҳалли худро ёфта натавонист. Аз ин рӯ А.А. Бобринской, А.А.Семё-

нов ва Н.В. Богоявленский танҳо баъди се экспедитсия тавонистанд маводи илмии худро ҷамъоварӣ намуда, онро бо як тартиби муайян дар шакли китобҳо натиҷагирӣ намоянд. Китобҳо ва аксҳое, ки аъзои экспедитсия дар давоми солҳои 1900-1910 нашр карданд, тасаввуроти навро барои олимони соҳаи этнография дар бораи минтақаҳои кӯҳистон ба бор оварда ва дар асоси маълумоти А.А. Бобринской дар солҳои минбаъда экспедитсияҳои нав ба Бадахшон ва Зарафшон фиристонида шуданд. Дастовардҳои асосии экспедитсияҳои А.А. Бобринской, ки дар диссертатсия таҳлил гардиданд, аз нуқтаҳои зерин иборат мебошанд:

-дар натиҷаи таҳқиқоти А.А. Бобринской маълумоти муайяни этнографӣ дар бораи сокинони Кӯҳистони Бадахшон дар давраи солҳои 1895-1901 таҳия гардид;

-маълумоти умумӣ дар бораи самти роҳҳо, ағбаҳо, иқлими минтақа ва мавқеи стратегии Помир дар муносибат бо кишварҳои наздисарҳадӣ мураттаб гардид;

-маводи аввалия дар бораи маскуншавии минтақаҳои кӯҳистон таҳия шуда, далелҳои илмӣ дар хусуси ин масъала аз тарафи А.А. Бобринской пешниҳод шуданд;

-тавсифи муайян дар бораи урфу одат, забон, анъанаҳо ва дигар хусусиятҳои маданияти сокинони минтақаҳои кӯҳистон баён гардиданд;

-аз тарафи аъзои экспедитсия маълумоти пурра дар бораи зироаткорӣ, тиҷорат, савдо ва истеҳсоли косибӣ ва муқоисаи он дар минтақаҳои гуногуни Кӯҳистони Бадахшон ва Зарафшон баррасӣ шуд;

-аз тарафи аъзои экспедитсия бори нахуст маълумоти муайян дар бораи мазҳаби исмоилӣ ҷамъоварӣ гардида, арзиши илмии ин мавод дар он аст, ки он бевосита аз суханони пирони исмоилӣ таҳия гардидааст;

- А.А. Бобринской инчунин дар давраи се экспедитсия аксҳои сершумори объектҳои гуногунро гирифт, ки имрӯз дар асоси онҳо мо таҳлилҳои муқоисавиро гузаронида, ҳифз ва ё вайроншавии онҳоро бо таъсири шароит аниқ менамоем. Ин аксҳо арзиши илмии худро то ба имрӯз аз даст надодаанд.

Дар доираи диссертатсияи мазкур фаъолияти илмии А.А. Бобринскойро таҳлил намуда, онро бо маълумоти олимони дигар, ки дар асрҳои XIX – XX ба омӯзиши ин минтақа машғул будаанд, муқоиса намудем. Таҳлилҳои муқоисавӣ дар самтҳои зерин анҷом дода шуданд:

-таҳлили муқоисавии маълумоти граф А.А. Бобринской бо таҳқиқоти олимони Ғарб Т. Гордон, О.Олуфсен, Ҷон Вуд, А. Бёрнс ва дигарон, ки дар омӯзиши Помир саҳм гузоштаанд;

-таҳлили муқоисавии ахбори А.А. Бобринской бо ахбори низомиёни рус, ба монанди Б.Л. Громбчевский, Г.А. Арандаренко, А. Г. Серебренников, Е.А. Снесарёв, Б.Л. Тагеев, Д.В. Путята, К.Э. Кивекес ва дигарон анҷом гирифт;

-маълумоти А.А. Бобринской инчунин бо маълумоти олимони рус, ба монанди, В.В. Бартолд, М.С. Андреев, И.И. Зарубин, Н.А. Кисляков, А.К. Писарчик, Стеблин - Каменский ва дигарон анҷом дода шуд;

-таҳлили муқоисавии маълумоти А.А. Бобринской бо маълумоту ахбори пажӯҳишгарони тоҷик Б. Искандаров, Б.Ғ. Ғафуров, М.Н. Акрамов, М.Назаршоев, Н. Муҳиддинов, Ҳ.П. Пирумшоев, А. Валиев, Л.Н. Додхудоева, А. Шохуморов, Д. Худоназаров ва дигарон ба анҷом расид.

Дар диссертатсия нуқтаи назари ин пажӯҳишгарон ва дигар муҳаққиқони давраҳои гуногун, маводҳои публитсистӣ ва далелҳои рӯзномаҳои давраҳои мухталиф мавриди таҳлил қарор гирифта, бо истифода аз далелҳои гуногун доир ба таъриху этнографияи мардуми Помири Ғарбӣ ахбору маълумоти нав ба даст оварда шуд.

Аз таҳқиқоти мазкур ба тариқи зайл метавон натиҷагирӣ кард:

1. Диссертатсия таҳлили илмии фаъолияти А.А. Бобринскойро дар самти омӯзиши таърих ва этнографияи мардуми кӯҳистони Тоҷикистон бори нахуст дар бар гирифтааст;
2. Экспедитсияҳои Бобринской дар самти бунёди омӯзиши таърих ва этнографияи мардуми Кӯҳистони Бадахшон яке аз аввалинҳо маҳсуб гардида, арзиши илмии худро то ба имрӯз аз даст надодаанд;
3. Таҳлилҳои муқоисавӣ ҳамчун методологияи нави таҳқиқотӣ имкон доданд, ки дар асоси далелҳо ба маълумоти А.А. Бобринской аз назари илмӣ баҳогузорӣ шавад;
4. Маълумоти кашидадӯзиҳои А.А. Бобринской ягонагии фарҳанги этнографии мардуми кӯҳистон ва вобастагии тарзи ҳаёти онҳо бо шароит, иклим ва баландкӯҳии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистонро нишон медиҳад;
5. Сарҳадҳои этнографии мардуми кӯҳистон дар минтақаи Помир ва алоқамандии он бо сокинони минтақаҳои Вахони Покистон, Бадахшони Афғонистон, Сарикӯли Хитой ва дигар минтақаҳои хориҷ аз кишварро маълумотҳои А.А. Бобринской пурра мегардонанд.

Дар баробари арзиши этнографӣ, таҳқиқотҳои А.А. Бобринской дар самти ҳифзи муҳити экологӣ ва набототу ҳайвоноти ин минтақа низ арзиши хоса доранд. Аз ҷумла А.А. Бобринской дар бораи хавфи нестшавии ҷангалҳо дар Вахон аз бодҳои хокӣ ёдовар мешавад. Ин бодҳо реги лаби дарёро ба заминҳои ҳосилхез пошида, ба мардуми маҳаллӣ ва экологияи минтақа зарар мерасонанд. Инчунин А.А. Бобринской дар хусуси шикори бузҳои кӯҳӣ навишта, аз ҳукуматдорон талаб мекунад, ки шикори онҳо кам карда шавад, зеро ин ҳайвонҳо танҳо дар ҳамин минтақа бокӣ мондаанд ва онҳоро бояд ҳифз намуд. Ҳушдори А.А. Бобринской, ки зиёда аз 100 сол пеш баён шудаанд, имрӯз ҳам моҳияти худро аз даст надодаанд. А.А. Бобринской доир ба масъалаҳои стратегӣ ва геополитикӣ низ ибрози назар намудааст. Вай сиёсати ҳукумати подшоҳии русро дар муносибат бо Помир мавриди танқид қарор додааст. Аз ҷумла

вай аз даст додани роҳҳои асосии Вахон, ки тавассути онҳо роҳ ба Ҳинд кушода мешуд, яке аз бохтҳои шартномаи Англия ва Россия меҳисобид. Тавассути ин роҳ Россия метавонист мустақиман бо Ҳинд муносибатҳои тиҷоратӣ ба роҳ монад. Аммо ба дасти афғонҳо гузаштани ин минтақа барои англисҳо таъмини беҳатариро кафолат дод ва русҳоро аз тамоми роҳҳо ба тарафи Ҳинд маҳрум сохт. Ёдоварӣ намудан ба маврид аст, ки А.А. Бобринской ин мардумро ҳамчун муҳофизи фарҳанг ва тамаддуни гузашта муаррифӣ кардааст. Вай даъват мекард, ки барои нақот додани фарҳанги мардуми кӯҳистон бояд кӯшишҳо ба харҷ дода, то ки ба воситаи онҳо фарҳангҳои қадимро барқарор намоем. Аз ин рӯ, вай ба забони мардум, ба мазҳаби онҳо ва ба асли насабашон бештар диққат додааст. Кӯшишҳои А.А. Бобринской дар самти ба як хулосаи мантиқӣ овардани баромади нажодии мардуми Бадахшон то ба охир ҳалли худро наёфт, зеро сокинони ин минтақа доир ба омадани аҷдоди худ ба кӯҳистон маълумоти кам ё тамоман надоштанд. Аммо ҳаминро бояд қайд кард, ки мардуми ин минтақа ба қабул кардани фарҳанги бегона ё дини бегона моил набудаанд ва маҳз аз ҳамин сабаб ба фикри А.А. Бобринской, ин минтақаи дур аз марказҳои калонро барои зиндагӣ интихоб намуданд. Онҳо аз ҳамсояҳои худ – сокинони Афғонистон ва хитоиҳо чизеро қабул накарданд ва барьакс ҳатто ҳангоми зиндагӣ дар дигар кишварҳо ба мисли Қошғар ва Ёрканд аз фарҳанг ва дину оини худ даст намекашиданд. А.А. Бобринской ба хислати мардумони Кӯҳистони Бадахшон баҳои баланд медиҳад ва дар ин минтақа дуздӣ, фиребгарӣ, ҷангу муноқиша ва қаллобиро намебинад. Вай инчунин ин мардумро хоксор, бовафо, таҳаммулпазир ва пуртоқат мешуморад. Тафовути антропологии ин мардумро аз сокинони водиҳо низ вай дар мадди аввал мегузорад. Сохти ҷисмонӣ ва чолокии онҳо, ба фикри А.А. Бобринской, натиҷаи муборизаи ин мардум бо табиати кӯҳистон буда, ба онҳо барои зинда мондан дар чунин душвориҳо кӯмак мерасонад.

Аз ин лиҳоз тамоми паҳлуҳои мавзӯи диссертатсияро таҳлил намуда, ба чунин хулосаҳо омадем:

- мавзуи мазкур барои таҳқиқотҳои таърихию антропологӣ ва этнографӣ аҳамияти калон дорад, зеро дар он ҳаёт ва фаъолияти шахсияти бузург ва этнографи маъруф А.А. Бобринской инъикос гардидааст, ки як давраи муайяни таърих ва этнографияи мардуми кӯҳистонро омӯхта буд;

- таҳқиқотҳои граф А.А. Бобринской ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири таъриху этнографияи умумихалқӣ маълумотҳои ин соҳаро аз ҷиҳати маводи илмӣ бой мегардонад;

- китобҳо ва хулосаҳои илмии А.А. Бобринской аҳамияти методологӣ доранд, зеро тавассути онҳо роҳ барои таҳқиқотҳои нав кушода гардид. Дар таҳқиқотҳои худ граф А.А. Бобринской бори аввал масъалаи муқоисаи расмҳои кашидадӯзии мардуми кӯҳистонро бо мардумони шимолии

Россия ба миён гузошт, ки ин ба омӯзиши минбаъдаи муқоисавӣ мусоидат мекунад;

- А.А. Бобринской ва ҳамсафарони ӯ тавассути таҳқиқоти худ дар илми таъриху этнография равияи шиносоӣ бо таърих, боқимондаи урфу одатҳои мардумони кӯҳистонро ҳамчун равияи мустақили таҳқиқот ба роҳ монданд ва тафовути куллии этнографияи тоҷикони кӯҳистонро аз тоҷикони водинишин ба миён гузоштанд;

- ҳанӯз дар давраи зиндагии худ А.А. Бобринской нуқтаи назари шабоҳати тоҷикони кӯҳистонро, ки дар минтақаҳои гуногун сокин буданд, пешниҳод мекунад ва ин гоя баъдан аз тарафи дигар олимон дастгирӣ ёфт. Аз ҷумла, граф А.А. Бобринской як умумияти ин тоҷиконро дар эмин нигоҳ доштани фарҳанги худ аз равандҳои туркишавӣ маънидод мекунад, ки он тамоми водиҳои минтақаи Осиёи Миёнаро фаро гирифта буд;

- А.А. Бобринской яке аввалин мутахассис ва метсенати соҳаи этнографияи мардумони кӯҳистон ба шумор меравад, ки барои таҳқиқотҳои илмӣ маблағҳои хусусии худро сарф намудааст;

- дар баробари дигар олимон, таҳқиқоти А.А. Бобринской барои тартиб додани топографияи Бадахшон ва хатсайри пиёдагарди Зарафшон – Қаротегин – Дарвоз асос гузоштанд;

- хулосаҳои граф А.А. Бобринской оид ба этнографияи мардуми кӯҳистон бояд дар таҳқиқотҳои минбаъда низ мавриди муқоисаҳои таҳлилӣ қарор гиранд, зеро ин ба аниқ будани далелҳои А.А. Бобринской мусоидат мекунад;

- асарҳои олимони соҳаи этнография, аз ҷумла А.А.Бобринской оид ба урфу одат ва анъанаҳои мардуми кӯҳистони Бадахшон ба забони тоҷикӣ бояд тарҷума гардида, дастраси олимон ва оммаи васе хонандгон гарданд;

- илова бар ин маълумотҳои таърих ва этнографии диссертатсия ҳамчун сарчашмаи илмии таҳқиқотҳои минбаъда хизмат карда, факту рақамҳои дар он оварда, барои таҳқиқи минбаъдаи Тоҷикистон ҳамчун роҳнамо хизмат мекунанд;

- хизматҳои А.А. Бобринской барои илми этнографияи тоҷик шоёни таҳсин аст ва ин моро водор мекунад, ки номи ин шахси бузургро дар ҷумҳурӣ абадӣ пос дорем. Аз ин рӯ, китобҳо ва таҳқиқотҳои вай ниёз ба ҷамъоварӣ дошта, библиографияи ӯ тартиб дода шавад.

II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Натиҷаи муҳими диссертатсия дар он аст, ки фаъолияти илмӣ, дастовардҳои экспедитсияҳо ва асарҳои А.А. Бобринской дар асоси факту далелҳо пурра ва дақиқ таҳлил гардида, дар сурати ҳамин таҳқиқот шакли кори мукаммали мушаххасро пайдо кард, ки хулосаҳои диссертатсия барои илми таърих ва этнография кимати амалӣ доранд.

Маводҳои омӯхташудаи мавзуи «А.А. Бобринской – муҳаққиқи таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон»-ро ҷамъбаст намуда, барои пешрафти соҳаи таъриху этнография ва омӯзиши минбаъдаи он пешниҳодҳои зеринро манзур менамоем:

- осорхонаи ин олим дар яке аз минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон кушода шавад, то ки маълумот оид ба фаъолияти вай дар шакли нигораҳо, дастнависҳо ва дигар маводҳо дастраси мардум бошад;

- хатсайри кӯҳии экспедитсияи граф А.А. Бобринской тартиб дода шуда, мавриди истифодаи сайёҳон пешниҳод карда шавад, ки он аз водии Зарафшон тавассути қаторкӯҳҳо ба минтақаи Қаротегину Дарвоз ва аз ин ҷо ба Ишкошиму Вахон тӯл мекашад;

- миёни донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ, олимони Тоҷикистон ва олимону марказҳои илмии Россия омӯзиши минбаъдаи фаъолият ва мероси илмии А.А. Бобринской ба роҳ монда шавад.

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:

[1-М]. Ақризоев, М. Сатҳи иньикоси ҳунари кашидадӯзии мардуми Дарвоз дар асарҳои А.А. Бобринской [Матн] / М. Ақризоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2019. - № 6 (83). – С. 268 – 271. ISSN 2219 – 5408.

[2-М]. Сайнаков, С., Ақризоев М., Граф А.А. Бобринской и результаты работ его научных экспедиций на Памире [Матн] / С. Сайнаков, М. Ақризоев // Вестник Педагогичекого университета. – Душанбе, 2019. - № 6 (83). – С. 271 – 274. ISSN 2219 – 5408.

[3-М]. Ақризоев, М., Дарвозиева Ҳ., Иньикоси ёдгориҳои таърихии Бадахшон дар осори А.А. Бобринской [Матн] / М. Ақризоев, Ҳ. Дарвозиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2020. - №. 03 (86). С – 255 – 258. ISSN 2219 – 5408.

[4-М]. Ақризоев, М., Тадқиқоти А.А. Бобринской доир ба эътиқоди мазҳабии тоҷикони Кӯҳистони Бадахшон [Матн] / М. Ақризоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2020. - № 4 (87). – С. 265 – 268. ISSN 2219 – 5408.

[5-М]. Ақризоев, М., Иньикоси вазъи савдо ва ҳунарҳои мардумии Бадахшон дар тадқикоти А.А. Бобринской [Матн] / М. Ақризоев // Паёми

Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. – 2020. - № 10. – С. 153 – 156. ISSN 2074 – 1847.

[6-М]. Акризоев, М., Масъалаҳои тақвими мардуми Помир дар тадқиқоти А.А. Бобринской [Матн] / М. Акризоев // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – 2021. - № 1 (17). – С. 245 – 251. ISSN 2664 – 5696.

Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо чоп шуда:

[7 - М]. Сайнаков, С. П., Акризоев М.М. Граф А.А. Бобринской и его вклад в изучении Памира [Матн] / С. Сайнаков, М. Акризоев // Вестник Хорогского университета. – Хорог, 2020. - № 4 (17). – С. 89 – 93. ISSN 2664 – 5696.

[8 - М]. Акризоев, М. М. Историко – сравнительный анализ орнамента вышивания народов России с орнаментом вышивки жителей Дарваза по материалам графа А.А. Бобринского [Матн] / М. Акризоев // Народы и культуры Крайнего Северо – Востока России в научном освещении. Сборник материалов научно – практической конфренции (г. Магадан 28 октября 2021 г): Научно инновационный центр. – Красноярск, 2021. – С. 10 – 15. ISSN 978 – 5 – 907208 -76-6.

[9 - М]. Акризоев, М. М. Антропологические факты о жителях Памира в трудах дореволюционных исследователей [Матн] / М. Акризоев // Россия – Таджикистан: исторический опыт взаимоотношений. Российско – Таджикский (Славянский университет. Материалы международной научно – теоритической конфренции (Душанбе, 30 ноября 2021 г.). – Душанбе, 2022. – С. 210 – 213.

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ХОРОГСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМ. МОЁНШО НАЗАРШОЕВА

УДК 9+39 (575. 32) (092)

На правах рукописи

АКРИЗОЕВ МАКСУД МАХРАМБЕКОВИЧ

АЛЕКСЕЙ АЛЕКСЕЕВИЧ БОБРИНСКОЙ – ИССЛЕДОВАТЕЛЬ ИСТОРИИ И ЭТНОГРАФИИ ГОРНОГО БАДАХШАНА

АВТОРЕФЕРАТ
диссертации на соискание учёной степени доктора философии (PhD)
по специальности 6D020303 – историография, источниковедение и методы исторического исследования

Душанбе – 2022

Диссертация выполнена на кафедре истории таджикского народа Хорогского государственного университета имени М. Назаршоева

Научный руководитель: **Сайнаков Сайнак Парпишоевич** – кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой всеобщей истории и международных отношений Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни

Официальные оппоненты: **Мамадалиев Иномджон Абдусатторович** – доктор исторических наук, профессор кафедры всеобщей истории факультета истории и права Худжандского государственного университета имени Бободжона Гафурова

Джобиров Раджабали Фатхуллоевич – кандидат исторических наук, заведующий кафедрой философии и гуманитарных наук Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

Ведущая организация: Российско-Таджикский (Славянский) университет

Защита состоится «22» декабря 2022 года в 13:30 часов на заседании Диссертационного совета 6D.KOA – 035 по защите диссертаций на соискание учёной степени доктора философии (PhD), доктор по специальности при Институте истории, археологии и этнографии имени Ахмада Дониша Национальной Академии наук Таджикистана (Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33).

С диссертацией можно ознакомиться в центральной научной библиотеке имени И. Ганди Национальной Академии наук Таджикистана (734025, г. Душанбе, пр. Рудакаи, 33) и официальном сайте института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша (www.institute-history.tj)

Автореферат разослан “_____” _____ 2022 г.

Учёный секретарь
диссертационного совета,
доктор исторических наук, профессор **Аскарали Раджабов**

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. XIX век в истории Горного Бадахшана считается периодом освоения этого края русскими и западными учёными. После добровольного присоединения Памира к России начались целенаправленные исследования русских учёных в Горном Бадахшане, важную часть которого составляло изучение этнографических особенностей жителей региона. История государства и народа всегда имеет тесную связь с историей конкретных личностей, так как деятельность и героизм отдельных личностей в совокупности обогащают страницы истории.

Данная диссертация посвящена одному из известных русских исследователей графу А.А. Бобринскому (1861 - 1938гг.), внёсщему заметный вклад в изучение таджикской истории и этнографии, который совершил в конце XIX – начале XX веков поездку в Среднюю Азию и исследовал образ жизни, обычаи, обряды и традиции горных таджиков. А.А. Бобринской был в числе первых русских учёных, которые внесли огромный вклад в научном изучении Горного Бадахшана. Исследования русских учёных на этом этапе имело стратегическое значение, так как Россия предвидела и определила свою военно – политическую позицию в этом регионе на десятилетия вперёд. Поэтому полные сведения о климате, природных богатствах, религии, истории, этнографии, обычаях, ритуалах и традициях жителей этого региона стало задачей государственного уровня.

В.В. Бартольд тоже опирается на ключевую роль России в изучении Средней Азии, особенно Памира и большинство учёных поддерживают эту мысль.[1] Со временем наследие исследователей конца XIX начала XX веков в процессе изучения истории таджикского народа приобрело большое значение и сегодня их методы и научные выводы служат исследователям как путеводитель в изучение истории и этнографии горных таджиков.

Весь накопленный капитал от своей многогранной деятельности А.А. Бобринской потратил на развитие науки и культуры, в том числе на изучение истории и этнографии таджиков.

Исходя из этого, актуальность темы заключается в том, что:

Во-первых, А.А. Бобринской благодаря именно своим исследованиям традиционной жизни таджиков в научных кругах прославился как учёный –этнограф. Актуальность темы исследования прежде всего в том, что диссертант в полной мере определил место и роль графа А.А. Бобринского в исследовании традиционной жизни таджиков;

во-вторых, актуальность исследования и научно - этнографического наследия графа А.А. Бобринского проявляется ещё в том, что сведения, собранные им более 120 лет тому назад- материал о жизни жителей Зерафшана, Каратегина и Бадахшана, приобрели важную ценность в исследо-

[1] Акрамов М.Н. Вопросы истории, археологии и этнографии. – Душанбе, 1974. – С.13

вании спорных вопросов этнографии и истории таджиков. Все экспедиции А.А. Бобринского собрали уникалные сведения по трём направлениям науки: антропологии, этнографии и географии. Поэтому изучение и анализ научного наследия А.А. Бобринского в рамке одной диссертации имеет актуальное значение для науки.

В-третьих, актуальность темы также в том, что до настоящего времени научная деятельность А.А. Бобринского не стало объектом отдельного исследования и данная диссертация является первой научной попыткой в данном направлении.

Степень изученности темы. Вкладом А.А. Бобринского в изучение истории и этнографии таджикского народа, а также вводом в научный оборот его материалов занимались ещё исследователи Советского периода и некоторым его трудам была дана объективная научная оценка. Работы, в которых специально, или косвенно анализируется наследие А.А. Бобринского, можно разделить на следующие группы.

